آواز تاجیک

*Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад*

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

**Бани одам аъзои якдигаранд!**

# Овози тоҷик

**10 феврали соли 2024**
**Шанбе**
**№ 12 (15023)**

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

# РОҲБАРОНИ ӮЗБЕКИСТОН ВА БЕЛОРУС ДАР МАҶМӮИ ЛИЖАТОЗИИ КӮҲИИ «АМИРСОЙ» МУЛОҚОТ КАРДАНД

***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ва Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко, ки бо сафари расмӣ дар кишвари мо қарор дорад, ба мавзеи истироҳатии «Амирсой» ташриф оварданд.***

Дар музокироти дирӯз дар Тошканд баргузоршуда сарони давлатҳо ба мувофиқа расиданд, ки табодули фаъолро дар соҳаҳои фарҳангиву башардӯстӣ, аз он ҷумла дар соҳаи варзиш ва сайёҳӣ идома диҳанд. Бинобар натиҷаи мулоқоти сатҳи олӣ дар қатори дигар ҳуҷҷатҳо, Барномаи ҳамкорӣ дар соҳаи варзиш ва Нақшаи чорабиниҳо дар соҳаи сайёҳӣ барои солҳои 2024-2025 ба имзо расид.

Дар тӯли солҳои охир дар Ӯзбекистон лоиҳаҳои васеъмиқёси рушди инфрасохтори варзиш ва сайёҳӣ татбиқ карда шуданд. Мавзеи истироҳатии кӯҳии «Амирсой»-и ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд аз ҷумлаи онҳост, ки дар се соли охир ба он қариб 4 миллион сайёҳон ташриф оварданд.

Сарони давлатҳо дар ҷараёни боздид аз ин маҷмӯи сатҳи ҷаҳонӣ бо шароит барои варзишгарону меҳмонон шинос шуда, доир ба густариши табодули гардишгардӣ миёни ду кишвар мубодилаи афкор намуданд.

Роҳбарон мулоқоти самимонаро дар майдони лижатозии кӯҳӣ идома дода, якҷоя лижатозӣ карданд.

**ӮзА.**

9-уми феврал — Рӯзи таваллуди Алишер Навоӣ

***Имрӯзҳо дар кишварамон 583-юмин солгарди зодрӯзи шоири мутафаккир, арбоби давлатӣ ва ҷамоатӣ Алишер Навоӣ дар сартосари мамлакатамон васеъ ҷашн гирифта мешавад. Ин натиҷаи он аст, ки дар мамлакат ба мероси шоири бузург арҷ гузошта шудааст корҳои маънавию маърифатӣ доир ба нигоҳдорӣ ва тарғибу ташвиқи осори ӯ бо рӯҳи замон ҳамоҳанг аст.***

# АЛИШЕР НАВОӢ – ХУРШЕДИ ҶОВИДОНИ НУРПОШИ ШЕЪР

Субҳи 9-уми феврал Хиёбони адибони пойтахт серодам буд. Дар он ҷо ба муносибати 583-юмин солгарди зодрӯзи Алишер Навоӣ эҷодкорони зиёӣ, алоқамандони адабиёт, намояндагони ҳайатҳои дипломатии хориҷии дар кишварамон номнависшуда, созмонҳои байналхалқӣ, олимони навоишиноси хориҷӣ, намояндагони вазорату созмонҳои гуногун, донишҷӯён ва мактабиён гирди ҳам омада буданд.

Раиси Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон, Шоири халқии Ӯзбекистон Сироҷиддин Саййид таъкид кард, ки дар мамлакат ҷараёни навсозиҳо бо дигаргуниҳои бемисле, ки дар соҳаи маънавияту маърифат рух медиҳанд, ҳамоҳанг мебошад. Барои бедории маънавӣ ва худшиносии миллӣ дар ҷомеа ба омӯхтани осори Навоӣ рӯйи эътибор гардонда мешавад.

— Солҳои охир осори Навоӣ ба бисёр забонҳо тарҷума шуданд, — гуфт раиси Иттифоқи нависандагон Сироҷиддин Саййид. — Навоӣ дар осори хеш ба дӯстии халқҳо, хусусан, қаробату ҳамҷиҳатии ақвоми турк, таълиму тарбия ва фаъолияти мураббиён аҳамияти ҷудогона додааст. Имрӯз ин ҷиҳатҳо ба навсозиҳои маърифатии соҳаи таълими кишварамон низ вобаста аст.



Мушовири сафорати Ҷумҳурии Қазоқистон дар мамлакатамон Ҷасулин Искандаров таъкид намуд, ки ғояҳои осори Алишер Навоӣ имрӯз низ аҳли оламро ба некукорӣ, сулҳу салоҳ, ҳамҷиҳатӣ, покии маънавӣ ва инсофу диёнат даъват менамоянд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ КУЛЛАН ТАКМИЛ ДОДАНИ НИЗОМИ ТАЙЁРКУНИИ КАДРҲО БАРОИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар шароити беш аз пеш пурзӯр шудани рақобат дар бозори ҷаҳонӣ минбаъд такмил додани самаранокии низоми тайёркунии кадрҳо тавассути баланд бардоштани сифати таълим ва неруи илмӣ дар таъмини рушди иқтисодии кишвар аҳамияти муҳим дорад.

Дар баробари ин, куллан такмил додани фаъолияти муассисаҳои таълими олӣ дар иқтисод ва молия, дар онҳо ба роҳ мондани низоми самарабахши идоракунӣ, ҷорӣ кардани технологияҳои навтарини педагогӣ ба раванди таълим, дар асоси андозаҳои ҷаҳонӣ ташкил кардани фаъолияти илмӣ, минбаъд баланд бардоштани мавқеи онҳо дар рейтингҳои байналмилалӣ, васеъ ҷалб намудани кадрҳои илмиву педагогии дорои таҷрибаи пешқадами хориҷӣ асоси омода намудани кадрҳои рақобатпазир барои низоми иқтисодиву молиявии кишвар мебошад.

Бо мақсади такмил додани низоми тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ барои соҳаҳои иқтисод ва молия, бо такя ба андозаҳои байналмилалӣ ташкил кардани равандҳои таълимӣ ва илмӣ дар асоси шаклу усулҳои инноватсионӣ, инчунин таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таълими олӣ:

1. Пешниҳоди Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия, Вазорати иқтисодиёт ва молия, Кумитаи андоз дар бораи бозсозии **Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд** (минбаъд – Донишгоҳ) аз тариқи ба он ҳамроҳ намудани Донишкадаи молияи Тошканд ва Донишкадаи фискалӣ пазируфта шавад.

2. **Инҳо вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти Донишгоҳ** муайян карда шаванд:

**тайёркунӣ, бозомӯзонӣ ва такмил додани ихтисоси кадрҳои** маълумоти олидор бо дарназардошти тамоюлҳои навтарини ҷаҳонӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, молия ва андоз, технологияҳои молиявӣ, таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ва талаботи сектори воқеии иқтисодиёт;

ҷорӣ намудани меъёрҳои байналмилалии таҳсилот дар раванди таълим, **эҷоди коркардҳои пешрафтаи инноватсионӣ барои бахшҳои иқтисодиёт** тавассути таъмин сохтани ҳамоҳангии таълим ва тадқиқот, ташаккул додани малакаҳои донишҷӯён дар **таҳлили системавӣ, тафаккури эҷодӣ ва фаъолияти амалӣ**;

самарабахш ба роҳ мондани низоми экологии **«таълим – илм – инноватсия – рақамисозӣ»** бо роҳи ташкил намудани лабораторияҳои муосири таълимию илмӣ ва марказҳои симулятсионӣ ва **трансфери тадқиқоти илмӣ ва инноватсионӣ**, ки ба рушди соҳа нигаронида шудаанд;

**татбиқ сохтани лоиҳаҳои илмӣ** дар самтҳои кунунии рушди соҳаҳои иқтисодиёт, молия ва андоз, **таҳияи пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ** оид ба татбиқ намудани натиҷаҳои онҳо;

баланд бардоштани нуфузи Донишгоҳ **дар фазои ҷаҳонии таълим ва илм**, рушди ҳамкории академӣ ва илмӣ бо донишгоҳҳои бонуфузи хориҷӣ, ба таври мунтазам ба роҳ мондани **коромӯзии хориҷии илмию амалии** профессорону омӯзгорон.

3. Муайян карда шавад, ки:

а) Донишгоҳ **муассисаи пешбари таълими олӣ** оид ба тайёркунӣ, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва таъминоти методии мутахассисони дорои маълумоти олӣ ва кадрҳои илмӣ дар соҳаи иқтисодиёт, молия ва андоз ба ҳисоб меравад;

б) ҳамаи донишҷӯён, ки дар Донишкадаи молияи Тошканд ва Донишкадаи фискалӣ таҳсил мегиранд, таҳсилро дар Донишгоҳ идома медиҳанд ва аз оғози соли таҳсили 2023/2024, ба донишҷӯёни хатмкунанда дар тартиби муқарраршуда **дипломи Донишгоҳ дода мешавад**;

в) **аз соли таҳсили 2024/2025** дар Донишгоҳ:

раванди таълим бо забони давлатӣ, забони англисӣ ва дигар забонҳои хориҷӣ сурат мегирад;

барои донишҷӯёни иқтидорнок, ки ба самти бакалавр ва ихтисоси магистратура қабул шудаанд, **гурӯҳҳои алоҳида** бо таҳсил дар **забонҳои хориҷӣ** ташкил карда хоҳанд шуд;

барномаи таълим зина ба зина дар асоси **барномаҳои ташкилоти хориҷии таълими олӣ, ки ба рейтинги топ-300-и ташкилотҳои байналмилалии эътирофшуда дохил мешаванд, таҳия мегарданд;**

ба раванди таълим профессорону омӯзгорон ва мутахассисони бонуфуз, ки дар соҳаҳои дахлнок **таҷрибаи амалии на камтар аз панҷсола** доранду **дар низомҳои иқтисод, молия ва андоз** фаъолият нишон медиҳанд, ҷалб карда хоҳанд шуд;

**низоми такмили ихтисоси** кормандони соҳаи иқтисодиёт, молия ва андоз ба роҳ монда мешавад;

г) қабули донишҷӯён ба таҳсил дар Донишгоҳ **аз соли хониши 2024-2025** оғоз меёбад.

Дар ин бобат қабул ба таҳсил аз рӯйи гранти давлатӣ дар ҳудуди параметрҳои фармоиши давлатӣ оид ба қабул ва таҳсил дар муассисаҳои давлатии таълими олӣ муайян карда мешаванд;

д) Донишгоҳ:

дар тобеъияти идоравии Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия буда, Вазорати иқтисодиёт ва молия, Кумитаи андоз **ба сифати фармоишгари кадрҳо** ба ташкили самарабахши фаъолияти донишгоҳ, таҳия кардани талаботи пурихтисос, таҳкими пойгоҳи модию техникӣ, фароҳам овардани шароит ба донишҷӯён дар пойгоҳҳои амалиётӣ мусоидат менамояд;

соҳиби муҳр ва бланкаҳо бо тасвири Герби давлатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки номи худ бо забонҳои давлатӣ навишта шудааст, балансӣ мустақил ва ҳисобсурати хазинавӣ мебошад;

**оид ба ҳуқуқ, ӯҳдадорӣ ва шартномаҳо вориси ҳуқуқии** Донишкадаи молияи Тошканд ва Донишкадаи фискалӣ аст.

4. Инҳо тасдиқ карда шаванд:

**ҳайати Шӯрои назоратии** Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд мувофиқи замимаи рақами №1;

**«Харитаи роҳ» оид ба самарабахш ба роҳ мондани низоми тайёркунии кадрҳо, баланд бардоштани иқтидори илмӣ ва таҳкими пойгоҳи моддию техникии Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд дар солҳои 2024-2027** мувофиқи замимаи № 2;

**номгӯйи объектҳое, ки ба Донишгоҳи давлатии иқтисодиёти Тошканд дар асоси ҳуқуқи идоракунии оперативӣ беподош дода мешаванд**, мувофиқи замимаи №3.

5. Шӯрои назоратӣ (Қӯчқоров):

а) **то 1 апрели соли 2024** бобати ба вазифаи кадрҳои идоракунии Донишгоҳ ҷалб намудани мутахассисони соҳиби таҷрибаи корӣ дар муассисаҳои бонуфузи хориҷӣ чораҳо андешад;

б) **то оғози соли хониши 2024/2025** ташкилоти ботаҷрибаи лоиҳакаширо ҷалб намуда, **оид ба сохтмони кампуси замонавӣ** дар пойгоҳи ҳудуди мавҷуда, бино ва иншооти Донишгоҳ **нақшаи маҳорат таҳия намуда**, пешбинӣ кунад:

дар ҳудуди Донишгоҳ бинобар манзили: шаҳри Тошканд, ноҳияи Чилонзор, кӯчаи Олмазор, хонаи 183 сохтмони бинои бисёрошёнаи мултифунксионалии иборат аз аудиторияҳои таълимӣ, коворкинг марказҳо, лабораторияҳои IT, бизнес инкубаторҳо ва толори конфронси ҷавобгӯйи андозаҳои байналмилалӣ;

ба шабакаи ягонаи дорои интернети баландсуръат пайвастани кампуси Донишгоҳ ва бинову иншооти дар он қарордошта, ҷорӣ кардани технологияҳои замонавии иттилоотӣ ба раванди таълим ва илмию тадқиқотӣ;

сохтмони ҷойҳои нави истиқомати донишҷӯён, толорҳои варзишии замонавӣ, ошхона ва дигар бинову иншоот дар ҷойи биноҳои аз ҷиҳати манавӣ ва ҷисмонӣ кӯҳна ба мақсади фароҳам овардани қулайиҳои иловагӣ барои донишҷӯён.

6. Дар Донишгоҳ **Фонди рушди Донишгоҳ** таъсис дода, маблағҳои он аз ҳисоби хайрияҳо ташаккул дода мешаванд.

Муқаррар карда шавад, ки як қисми маблағ, ки баъди хароҷот барои нигоҳдорӣ ва хароҷоти ҷорӣ аз даромади пуливу қарордодӣ дар Донишгоҳ боқӣ мондаанд, ба Фонди рушди Донишгоҳ гузаронда, инчунин барои беҳдошди раванди таълим ва рушди пойгоҳи моддию техникӣ мувофиқи қарори Шӯрои назоратӣ харҷ карда мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

# ӮЗБЕКИСТОН ҲАМКОРИҲОЯШРО ДАР САМТҲОИ ГУНОГУН ТАВСЕА МЕБАХШАД

***– Дастгоҳи марказии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва намояндагиҳои дипломатии мо дар хориҷа аз рӯзҳои аввали моҳи январи соли 2024 бо мақсади сари вақт фатҳ намудани марраҳои нав ба нав дар соҳаи дипломатияи иқтисодӣ бо шарикони хориҷӣ ҷиҳати тавсеаи ҳамкориҳо гуфтушунидро идома медиҳанд, – изҳор намуд котиби матбуоти вазорат Аҳрор Бурҳонов.***

– Дар давоми як моҳи охир зиёда аз 50 ҳайати вакилони расмии хориҷӣ ба мамлакати мо сафар кардаанд, ки 8-тои чунин мулоқот дар сатҳи баланд буд. Инчунин вазорат дар ташкили сафари кории 60 ҳайати вакилони Ӯзбекистон ба хориҷа ёрии амалӣ расондааст.

Аз ҷумла, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон Бахтиёр Саидов бо вазирони корҳои хориҷии Туркия, Баҳрайн ва як қатор кишварҳои дигар телефонӣ суҳбат карда, масъалаҳои таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳоро бо ин кишварҳо дар соҳаҳои сиёсӣ, дипломатӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва ғайра барқарор намуд.

Аз ҷониби Намояндаи махсуси Президенти Ӯзбекистон дар умури Афғонистон ва муовинони вазирон 67 мулоқоту музокирот баргузор гардид. Дар Тошканд даври навбатии машваратҳои сиёсӣ бо Вазорати корҳои хориҷии Эрон низ баргузор шуд.

Дар натиҷаи ин гуфтушунидҳо таклифҳои мушаххас ва «Харитаҳои роҳ» қабул карда шуд, ки ба боз хам тезондани муносибатҳои мо бо мамлакатҳои хориҷӣ мусоидат менамоянд.

– Агар дар робита бо дипломатияи бисёрҷонибаи Ӯзбекистон ҳарф заданӣ бошем, метавон гуфт, ки намояндагони сохторҳои давлатии мо дар зиёда аз 10 чорабинии байналмилалӣ, ки дар шаҳрҳои гуногуни ҷаҳон баргузор гардиданд, иштирок намуданд. Аз ҷумла, 19-20 январ ҳайати густурда таҳти роҳбарии муовини аввали вазири корҳои хориҷии Ӯзбекистон Баҳромҷон Аълоев дар нишасти 19-уми сарони Ҷунбиши ғайридавлатӣ дар шаҳри Кампалаи Уганда ширкат варзид. Дар ин ҷо дар бораи барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ Баёнияи муштарак ба имзо расид ва Уганда 145-умин кишваре гардид, ки бо Ӯзбекистон муносибатҳои дипломатӣ барқарор кардааст.

Асоси дипломатияи имрӯзаи мо, пеш аз ҳама, манфиатҳои иқтисодии мамлакати моро дар арсаи байналхалқӣ муайян мекунад, – гуфт Аҳрор Бурҳонов. – Дар ин самт зиёда аз 300 чорабинии гуногун гузаронида шудааст. Барои он ки дар лоиҳаҳои инвеститсионии Ӯзбекистон ширкат кунанд, мутахассисони Корея, Хитой, Туркия, Япония ва мамолики дигар ташриф овардаанд. Дар доираи дипломатияи иқтисодӣ намояндагиҳои дипломатии мо оид ба 18 лоиҳаи нави сармоягузорӣ бо арзиши умумии 442 миллион доллари амрикоӣ гуфтушунидҳои судманд анҷом доданд.

Инчунин барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандони мо дар хориҷи кишвар, мустаҳкам намудани алоқа бо ҳамватанон корҳои зиёд ба анҷом расидаанд. Вай мисол овард, ки ба 13 ҳазору 151 нафар шаҳрванди Ӯзбекистон хизматрасонии консулӣ расонида шуд, 1 ҳазору 270 нафар ҳамватанони мо дар хориҷи кишвар бо кор таъмин карда шуданд, онҳое, ки дар хориҷа дар вазъияти душвори молиявӣ мондаанд, аз кумакҳо бархӯрдор гардиданд ва ба 60 нафар шаҳрвандони дигар ёрии моддӣ расонида шуд.

– Ғайр аз ин, 13 нафар шаҳрвандони мо, ки дар хориҷи кишвар дар ҳолати вазнин қарор доштанд, яъне қурбониёни савдои одам, бекорон, бесаробонҳо ва мувоҷеҳи ҳолатҳои дигари вазнин, бо кумаки кормандони мо ба Ватан баргардонида шуданд. 6 нафар шаҳрванд аз боздоштгоҳҳои муваққатӣ озод гардиданд, 3 нафар шаҳрванд, ки шиносномаҳояшонро корфармоён ғайриқонунӣ мусодира кардаанд, соҳиби ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият шуданд, – гуфт А. Бурҳонов.

Мавсуф дар поёни брифинг изҳор намуд, ки дар як моҳи сипаришуда аз шахсони гуногун 8 ҳазору 17 муроҷиат ворид гардид. Аз ин шумор 1 ҳазору 203 тои онҳо ба Раёсати консулӣ-ҳуқуқии вазорат ва 6 ҳазору 814 ба намояндагиҳои ин вазорат дар хориҷи кишвар ирсол шуда, ба ҳамаи онҳо сари вақт ёрии дахлдори консулӣ ва ҳуқуқӣ расонида шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**
*Шаҳри ТОШКАНД.*

***Ватанпарварӣ мафҳумест, ки меҳру садоқати инсонро ба кишвар, маъвои худ ифода мекунад, он аз ҷумлаи арзишҳои маънавии хоси ҳамаи қавму халқиятҳо мебошад. Ин мафҳуму арзишҳо дар тӯли асрҳо такмил ёфтаанд. Аз нуқтаи назари таърих ватандӯстӣ маҷмӯи эҳсосотест, ки дар раванди рушди иҷтимоӣ одамон вобаста ба сарнавишти Ватани худ, мубориза халқҳо барои дахлнопазирӣ ва истиқлолияти қаламраве, ки дар он зиндагӣ мекунанд, ғанӣ гардидааст. Ин дар ифтихор аз гузаштаю имрӯзи Ватан ва ҳифзи манфиатҳои он зуҳур меёбад.***

# САОДАТИ ТАҒЙИР ДОДАНИ ХУД

Имрӯз мо дар замони муборизаи бевосита ва билвоситаи ғоявию мафкуравӣ зиндагӣ мекунем. Пас, вақте сухан дар бораи миллати озод, манфиат ва сарнавишти кишвар меравад, ин гуна вазифаҳо на танҳо масъулияти зиммаи Сарвари давлат аст, балки вазифа ва масъулияти онҳоест, ки ин маконро Ватани худ меҳисобанд. Зимнан, ватандӯстӣ танҳо муҳаббат ба Ватан нест. Вай ҳиссиёти бузург аст... Ва маънии дар рӯзҳои хубу бади Ватан ҳамнафас буданро дорад.

Биёед, як андеша кунем. Барои бо Ватан якҷо будан ба мо чӣ намерасад? Кӣ ё чӣ монеа мешавад, ки дар рӯзҳои неку бади кишвар бо ӯ бошем. Дар ҳарду ҳолат ҷавоб якто – худи мостем.

Ин ҳақиқат аст. Мо авлоди алломаҳои бузургем, мегӯему камолоти духтарону писарони худро бо пул андоза мекунем, онҳоро бо коррупсия ошно месозем. Пайравони темурбекҳо ҳастем, мегӯему низомиёнро қаҳрамон намеҳисобем. Мо занону духтаронро чун модари миллат таърифу тавсиф карда, ба осмонҳо мебардорем ва дар баробари ин «оё хонда дунёро мегирӣ?» гӯён орзуҳояшонро поймол мекунем.

Агар иддаоҳои мазкур саъю кӯшиши мо ва ба сифати сарвари як оила бошад, аз дигар ҷиҳат мо маънавияти баландро тарғиб карда, ба фарҳанги одӣ риоя накунем, иқтисодиётро инкишоф медиҳем гуфта, иқтисодиёти «маъхуф»-ро боз ҳам бештар пинҳон кунем, аз маблағи ба сохтмон ҷудогардида биноҳои «дар ҳаво» муаллақро месозем, мардуми оддиро фиреб медиҳем, магар ин як ҳақиқати талх ва оқибати бемасъулиятии мансабдорони соҳа нест?

Дар як қатор маҷлисҳои бахшида ба муҳокимаи соҳаҳои маънавият, фарҳанг ва иқтисодиёту маблағгузорӣ, мустаҳкам намудани қобилияти мудоифавии мамлакатамон ва инкишофи Қувваҳои Мусаллаҳ, инчунин масъалаҳои сохтмони манзил, хоҷагии коммуналӣ, нақлиёт ва экология маҳз ҳамин гуна мушкилоти таъхирнопазирро таҳлил карда, фикру мулоҳизаҳои танқидӣ ба миён гузошта, нақшаҳои пешомаднок муайян карда шуданд.

Дар фаъолияти роҳбари давлатамон таҳлили ҳамаҷониба дар шакли кори маҷмӯӣ бино ба сарҳисоби сол усули нав мебошад. Ин ислоҳот бо мурури замон суръат пайдо кард. Барои амалӣ гардидани хоҳишу иродаи одамон роҳи васеъ кушода шуд, ҳаёти мардум тағйир ёфт ва ин ҷараён давом дорад.

Бинед, дар натиҷаи ин нақшаҳо, мақсаду орзуямон низ зиёд гардиданд. Ғояи «Мо як ҷо бошем – халқи ягонаем, муттаҳид шавем – Ватан ҳастем» ба шиорамон табдил ёфтааст. Аммо ин худ аз худ ба амал наомадааст, ё касе аз берун омада, ба ҷо наовардааст. Бояд эътироф кард, ки ин натиҷаи заҳмати беандозаи Сарвари давлат дар роҳи заҳматноку пурмашаққат, ҷустуҷӯҳои пайвастаи ӯ ва албатта сиёсати пурсамари як роҳбари баркамол аст, ки хидмат ба мардумро шарафи бузург меҳисобад.

Осон нест, бахусус имрӯз, ки Ӯзбекистон дар арсаи байналхалқӣ эътимоди зиёд пайдо карда, халқ бо номи Ӯзбекистон ба роҳи бузург қадам ниҳода, самти худро муайян намуд, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ обрӯю эътибор пайдо кард, онҳое, ки таърихи миллати моро намедонанд ва барои аз харитаи таърих ҷустуҷӯ кардан бесаводии худро нишон дода, ба сиёсати оқилонаи роҳбарияти Ӯзбекистон фишор овардани мешаванд, чуноне ки Президент гуфтааст, «Агар мо хоҳем, ки дар ҷаҳон бо номҳои «Ӯзбекистон», «ӯзбекистонӣ», «ӯзбек» зиндагӣ кунем, пас бояд ба ин гуна ҳасадгӯйҳо ҷавоби сазовор диҳем. Дар ин бобат, албатта, ба мо суханони ниёгонӣ ҷадидамон «ягонагии забон, фикр ва кор» зарур аст. Танҳо дар ин ҳолат мо дар муборизаҳои ғоявӣ пирӯз мегардем.

Чуноне, ки Сарвари давалат таъкид кардааст «Барои давраи нав – ғояи нав, ташаббусҳои нав ва натиҷаҳои нав лозиманд, фақат дар он сурат ба маънои том давраи нав оғоз меёбад». Ин суханон моро ба ҳушёрӣ даъват менамояд, танбалӣ, бефарқӣ ва бепарвоиро бартараф мекунад. Ҳар кадоми моро ба ташаббускориву бунёдкорӣ ҳидоят менамоянд. Ҳама барои якдигар ҷавобгар ва масъул мешаванд.

Дарҳақиқат, дар он ҷое, ки ташаббус ҳаст, дар он ҷо натиҷа мешавад. Натиҷа чӣ қадар дақиқ ва ҳаётбахш бошад, боварӣ ба фардо ҳамон қадар бештар мешавад. Дар роҳи бунёди Ӯзбекистони Нав, дар он зиндагӣ кардан, бо Президенти кишвар якдилу якҷо будан, ба дӯши халқе, ки худашро тағйир дода метавонад, бори ӯҳдадориеро хоҳад гузошт, ки ба тақдири миллат, давлат ва истиқлоли аҳолии Ӯзбекистон иртиботи ногусастанӣ дорад. Зеро «дар қалби ҳар инсон офтобе ҳаст, танҳо имкон бояд дод, ки он нур пошад».

**Гулрух АГЗАМОВА,**
**депутати Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис.**

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

# ДАР БОРАИ ЧОРАҲОИ КУЛЛАН ТАКМИЛ ДОДАНИ НИЗОМИ ТАЙЁРКУНИИ КАДРҲО БАРОИ СОҲАҲОИ ИҚТИСОДИЁТ

(Аввалаш дар саҳ.1).

7. Шӯрои назоратӣ (Қӯчқоров), Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия ба мақсади такмил додани фаъолияти Донишгоҳ ва баланд бардоштани сифати таълим **дар муҳлати ду моҳ** дар назди Донишгоҳ **Маркази тарнсформатсия** бо ҷалби коршиносони хориҷӣ созмон диҳад.

Ба зиммаи Маркази трнсформатсия барои инҳо масъулият гузошта шавад:

дохил намудани Донишгоҳ то соли 2030 **ба рейтинги топ-1000-и муассисаҳои таълими олии ташкилотҳои байналмилалии эътирофшуда,** инчунин коркарди стратегия **оид ба таъмини гузарондани номнавискунии байналмилалии** барномаҳои таълимии Донишгоҳ;

мақбулгардонии самти таълими бакалавриат мувофиқи таҷрибаи хориҷӣ ва ба барномаҳои байналмилалии таълимӣ мувофиқат гардондани барномаҳои таълимии Донишгоҳ;

ташкили **коромӯзии на кам аз 200 профессорону омӯзгорони пешбар** дар ташкилотҳои хориҷии таълими олӣ ва илмиву тадқиқотӣ дар солҳои 2024-2025;

таҳияи барномаҳои таълимии Донишгоҳ дар асоси барномаи ташкилотҳои таълими олии хориҷӣ,

8. Муқаррар карда шавад, ки маблағгузории фаъолияти Донишгоҳ аз ин ҳисобҳо амалӣ гардонда мешавад:

аз ҳисоби маблағи Буҷаи давлатӣ, маблағе, ки аз таълим дар асоси пулию қарордодӣ ба даст меоянд, маблағҳо аз ҳисоби фаъолияти хоҷагидорӣ ва расондани хидмат дар асоси шартнома, хайрот ва грантҳо, инчунин манбаъҳои дигаре, ки ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ манъ накардаанд;

дар доираи маблағе, ки дар соли 2024 аз буҷаи ҷумҳуриявии Ҷумҳурии Ўзбекистон ба Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия ба сифати тақсимотгари маблағҳои буҷаи сатҳи аввал ҷудо карда мешаванд, аз соли 2024 сар карда дар параметрҳои Буҷаи давлатӣ пешбинӣ мешаванд.

9. Вазорати таълими олӣ, илм ва инноватсия дар муҳлати ду моҳ якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор ба Девони Вазирон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба ҳуҷҷатҳои қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, пешниҳод тақдим намояд.

10. Ба зиммаи Сарвазир – вазири иқтисодиёт ва молия Ҷ. А. Қӯчқоров ва вазири таълими олӣ, илм ва инноватсия К. А. Шарипов барои ташкили самарабахши иҷрои қарори мазкур масъулияти шахсӣ гузошта шавад.

Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А. Н. Арипов ва роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон О. К. Абдураҳмонов гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон**
**Ш. МИРЗИЁЕВ.**

*Шаҳри ТОШКАНД,*
*7 феврали соли 2024.*

---

*Шоми 8 феврал толори Театри калони академии ба номи Алишери Навоии пойтахт аз тамошобинон пур буд. Дар ин ҷо операи «Алишер Навоӣ»-и композитор ва дирижёри маъруф, Арбоби санъати Ўзбекистон Мустафо Бафоев ба маърази тамошо гузошта шуд, ки ин опера ба баъзе паҳлуҳои ҳаёт ва фаъолияти адиби бузург, арбоби давлатӣ Мир Алишери Навоӣ ва дӯстиву рафоқати ӯ бо устодаш Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ бахшида шудааст.*



# НАМОИШИ ОПЕРАИ «АЛИШЕРИ НАВОӢ» ХЕЛЕ ХУБ ПАЗИРОӢ ГАРДИД

Чунин ба назар мерасид, ки рӯи саҳна замони зиндагии Навоӣ, эҷоди «Хамса» ва осори атиқаи ӯ, ҳамзамон ҷаҳду талош барои рафъи мушкилоти мардуме, ки ба вай ҳамчун вазири аъзами Ҳусайн Бойқаро муроҷиат мекунанд, хеле хуб акси худро меёфт.

Саҳнае, ки дар он пазироии Мавлоно Ҷомӣ аз тарафи Навоӣ акс ёфтааст, хеле ҷолиб мебошад. Иззату икроме, ки Навоӣ нисбати устоди худ нишон медиҳад, бузургии ӯро дар баробари чунин нобиғаи адабу фарҳанги мардуми форсигӯ намоиш медиҳад.

Аз тамошои опера боз дарёфтан мушкил набуд, ки Алишери Навоӣ ҳамеша дардошнои мардум буда, ин хислатҳои наҷиби вай қобили эътибору эҳтироми мардуми ҳамон давра қарор гирифтааст ва обрӯяшро байни авом беш аз пеш афзун намудааст.

Нақшҳои асосии операро ҳунарпешаҳои шоистаи Ўзбекистон Ҳотам Юлдошев, Маъсумахон Болтабоева ва Шукур Ғафуров, актёрон Рустам Алимардонов, Саидасрор Йигиталиев, Абдуғанӣ Рӯзиев, Азиза Муҳаммедова, Абдулло Ширинов, Камолиддин Муҳаммадиев, Шоҳида Нурматова ва дигарон хеле хуб офариданд.

Коргардон ва басаҳнагузорандаи опера Ходими шоистаи маданияти Ўзбекистон Ҳайдаралӣ Қосимов мебошад.

– Ман аз чунин муваффақона баргузор гардидани ин намоишнома ва пазироии гарми тамошобинон хеле хушҳол шудам. Барои ба чунин поя расидани опера бо ман якҷо маъмурияти Театри калони академии ба номи Навоӣ таҳти роҳбарии Ҳунарпешаи мардумии Ўзбекистон Рамиз Усмонов заҳмат кашиданд. Интихоби шеъру ғазалҳо ҳам кори саҳлу осон набуд ва маълум шуд, ки ин талошҳо ва ранҷи кашидаамон бесамар наянд, – гуфт зимни суҳбат Мустафо Бафоев. – Дар ин намоишнома оҳанги маъруфи «Муноҷот» аз «Шашмақом»-и классикӣ ба ҳайси асос мавриди истифода қарор гирифт, дар ҷараёни намоишнома ин оҳанг чанд маротиба садо дод, оҳангҳои «Шашмақом» бо мусиқии симфонӣ омезиш ёфт ва таровати онро ба карат афзун намуд.

– Имрӯз рӯи саҳна омадани операи «Алишери Навоӣ»-и устод Мустафо Бафоев собит намуд, ки теъдоди мардуми шефтаи санъати опера дар кишвари мо беш аз пеш меафзояд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд директори театр Рамиз Усмонов. – Як нуктаи муҳимро қайд карданиам. Президент Шавкат Мирзиёев соли 2021 аз мо, кормандони соҳаи санъат ва фарҳанг тақозо намуд, ки симои аллома Навоӣ дар театрҳо рӯи саҳна оварда шаванд ва мардум онро тамошо кунанд. Операи «Алишери Навоӣ» маҳз ҷавоби амалии ҷамоаи мо ба ҳамин тақозои сарвари давлат мебошад. Ҷои шубҳа нест, ки театри мо бо рӯи саҳна овардани чунин намоишномаҳои пурмазмун ва пурмуҳтаво метавонад бо театрҳои мамолики гуногуни хориҷӣ рақобат кунад.

«Шунидан кай бувад монанди дидан» мегӯянд мардуми мо. Ҳар кадоми шумо метавонед ба Театри калони академии ба номи Навоӣ ташриф оваред ва ин намоишномаро бевосита тамошо кунед.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

---

# АЛИШЕР НАВОӢ – ХУРШЕДИ ҶОВИДОНИ НУРПОШИ ШЕЪР

(Аввалаш дар саҳ.1).

Директори Осорхонаи давлатии ба номи Алишер Навоии Академияи улуми Ҷумҳурии Ўзбекистон, доктори илмҳои филологӣ Ҷаббор Эшонқулов доир ба нашри девони Навоӣ дар Туркия батафсил маълумот дода, қайд намуд, ки ин нашр дар таҳкими робитаҳои адабӣ ва маънавию маърифатии ақвоми туркзабон аҳамияти вижа дорад.

Олими эронӣ, профессор Ғуломризо Рамзӣ доир ба ҳифзи дастхатҳои Навоӣ дар Эрон, иншооте, ки аллома дар ин кишвар бунёд намудааст, маълумот дод.

— Аз он, ки ҳоло дар Ўзбекистон дар ҳузури авлоди Алишер Навоӣ қарор дорам, хеле мамнунам, — гуфт Ғуломризо Рамзӣ. — Таърихи робитаҳои фарҳангии байни Эрону Ўзбекистон басе тӯлонист. Муносибатҳои ҳасанаи ин робитаҳо ба давраи зиндагӣ ва эҷоди Навоӣ рост меояд.

Тарҷумони ҷавон Мадинабону Муҳаммадризоева тарҷумаи англисии ғазалҳои Навоӣ ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд намунаҳои эҷоди шоир ва мутафаккирро ба дигар забонҳои хориҷӣ ба самъи ҳозирин расонданд.

Дар чорабинии мутантан донишҷӯён ва мактабиён шеърҳои шоирро қироат карданд ва сурудҳои оҳангбастаи овозхонон ба ғазалҳои шоир садо доданд.

Дар чорабинии пуршукӯҳ роҳбари Департаменти рушди иҷтимоии маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Одил Абдураҳмонов иштирок кард.

Ба ин муносибат дар Хиёбони шоирони кӯчаи ба номи Навоии пойтахт ва майдони назди Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ба номи Алишер Навоии Тошканд низ чорабиниҳо баргузор шуданд.

Ин гуна чорабиниҳо дар ҳамаи муассисаҳои таълимии кишвар, китобхона ва созмонҳои эҷодӣ баргузор мешаванд.

**Назокат УСМОНОВА,**
**хабарнигори ЎзА.**
**Сурати ЎзА.**

---

*Дар ҳокимияти вилоят масъалаҳои беҳтар намудани сифати хидмати тиббӣ ба аҳолӣ, ба тартиб овардани савдои воситаҳои доруворӣ ва пурзӯр кардани масъулияти ходимони соҳа муҳокима гардид.*

# БАРРАСИИ МУАММОҲОИ СОҲАИ НИГАҲДОРИИ ТАНДУРУСТИИ ВИЛОЯТ

Дар ҷамъомад, ки масъулони соҳаи ҳокимиятҳои вилоят, ноҳия, шаҳр ва тиб иштирок карданд, ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов ба натиҷаҳои муҳокимае, ки ду моҳ пеш айнан дар ҳамин мавзӯъ гузаронида шуда буд, таваққуф намуд.

— Барои бартараф кардани камбудиҳое, ки ҳангоми муҳокима зикр гардиданд, инчунин муайян кардани вазъи воқеии муассисаҳои тиббӣ ва ба онҳо ёрӣ додан, инчунин, оид ба рушди соҳаи доруворӣ гурӯҳи корӣ ташкил гардида буд, — гуфт ҳокими вилоят. — Ҷамъ овардани маълумот дар гурӯҳи телеграмии дахлдор низ зарур буд. Дар моҳи январи соли ҷорӣ аз ҷониби гурӯҳи корӣ ба гурӯҳи телеграмӣ 648 маълумот пешниҳод шуд, ки дар 60 фоизи онҳо муаммоҳои воқеӣ танҳо ба ном гузошта шудаанд. Гурӯҳи корӣ дар баъзе муассисаҳои тиббии шаҳри Самарқанд ва ноҳияи Нуробод, ҳангоми иҷрои вазифаҳои муайянгардида ба бемасъулиятӣ роҳ додаанд ва ягон муамморо муайян карда натавонистаанд. Таҳлилҳои қиёсии вазъи минтақаҳо нишон медиҳанд, ки то кунун дар хидматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ камбудиҳои ҷиддӣ ва аз ҳама бадаш нуқсонҳое мавҷуданд, ки одамонро норизо мекунанд. Ғайр аз ин, ходимоне вомехӯранд, ки аз 10 то 15 номгӯй доруворихоро ба бланкаҳои ретсептии муайянгардида наменависанд.

Дар муҳокима ҳокими вилоят ба масъулони дорухонаҳои вилоят ва духтурон хотиррасон кард, ки онҳо бояд дар асоси меъёрҳои аз ҷониби Вазорати нигаҳдории тандурустии Ҷумҳурии Ўзбекистон қабулгардида кор баранд. Таъкид гардид, ки нисбати онҳое, ки ба ин меъёрҳо риоя намекунанд, аз ҷониби мақомоти дахлдор баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад.

Ғайр аз ин, муаммоҳои вобаста ба набудани шароити мусоид барои беморон дар муассисаҳои тиббӣ ва усулҳои нодурусти табобат бо мисолҳои дақиқ нишон дода шуданд. Аз ҷумла, қайд гардид, ки дар Иттиҳодияи тиббии ноҳияи Ургут беморон барои тафтиши лабораторӣ ва томографияи компютерӣ ба сектори хусусӣ фиристода мешаванд. Ҳол он ки таҷҳизоти дахлдор дар иттиҳодияи тиббии ноҳия ҳам ҳастанд.

Дар рафти ҷамъомад масъалаи фасодкорӣ ва шиносбозиҳо дар соҳа баррасӣ гардиданд. Зикр шуд, ки дар Иттиҳодияи тиббии ноҳияи Каттақӯрғон дар ҳоле, ки 304 нафар ходими миёнаи тиббӣ бо ставкаи 0,5 кор мекунанд, аз ҷониби иттиҳодияи тиббӣ боз 66 нафар ходими миёнаи тиббӣ ба кор қабул шудаанд. Дар ноҳияи Пастдарғам низ ба ҷойи он, ки ҳамаи ходимон бо ставкаи пурраи корӣ таъмин шаванд, 76 нафар бо 0,5 ставка ба кор қабул гардидаанд.

Дар анҷоми ҷамъомад ба масъулон бобати бартараф намудани камбудиҳо супоришҳо дода шуданд ва муддати муайяни иҷрои онҳо муқаррар гардид. Таъкид шуд, ки масъалаи мазкур пас аз як моҳ боз муҳокима карда мешавад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

---

*Донишҷӯёни гурӯҳи тоҷикии факултаи забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз дар робита ба бузургдошти 583-солагии Алишер Навоӣ чорабинии фарҳангие баргузор намуданд.*

# ТИМСОЛИ ДӮСТИИ БЕЗАВОЛ

Мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики донишгоҳ, раиси Маркази миллии тоҷикони вилояти Сурхондарё, номзади улуми филологӣ, дотсент Рамазон Абдуллоев дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти Навоӣ маълумоти мухтасар дод. Вай таъкид кард, ки ин шоири шаҳир дар тӯли шаст соли умри худ асарҳои пурқимате эҷод кардааст, ки кунун ба адабиёти ўзбек ва форсу тоҷик яксон хидмат мекунанд. Абдуллоев инчунин гуфт:

– Таҷлили солгарди шахсиятҳои таърихию фарҳангие мисли Навоӣ ба худогоҳии ҷавонони мо такони назаррасе мегарданд. Хоса, мо дар симои Мир Алишери Навоӣ ва устоди фарзонаи ӯ Абдураҳмони Ҷомӣ дӯстии безаволи халқҳои тоҷику ўзбекро мебинем, ки аз муносибатҳои устодиву шогирдии онҳо маншаъ мегирад. Ин шоири баркамол дар домани адабиёти ғании форсу тоҷик ба воя расида, ба нишони садоқату эҳтироми қавӣ ба забону адабиёти вай девони порсии худро мураттаб сохтааст ва бо тахаллуси Фонӣ ғазалҳои марғубе эҷод кардааст.

Дар ҷамъомад донишҷӯён таҳти роҳбарии омӯзгор Сайёра Саидова аз эҷодиёти Навоӣ намунаҳо қироат намуданд, вобаста ба рӯзгори ӯ саҳнаҳои марғубу диданиеро намоиш доданд ва бо рақсу сурудхонӣ хотири ҷамъомадагонро шод сохтанд. Саволу ҷавобҳо аз рӯзгор ва эҷодиёти Мир Алишери Навоӣ ҳам ба аҳли нишаст таассуроти нек гузошт.

Дар интиҳо ба дастандаркорони ин чорабинӣ аз ҷониби Маркази миллии тоҷикони вилоят «Сипоснома»-ҳо супорида шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

---

## ХАБАРҲО

### АВТОМОБИЛҲОИ ЗАМОНАВӢ – БА СОХТОРИ ЁРИИ ТАЪҶИЛИИ ТИББӢ

***Аз ҷониби ширкати Jizzax Auto автопарки марказии ёрии таъҷилии тиббии ҷумҳуриявӣ боз 30 автомобили замонавии русуми хориҷиро қабул намуд.***

Ба эҳтиёҷ нигариста, автомобилҳо ба филиалҳои марказ дар вилоятҳои Қашқадарё, Самарқанд ва Хоразм тақсим карда шуд. Дар натиҷа миқдори умумии автомобилҳои русуми Volkswayen Caddy дар соҳа аз 800 адад гузашт.

Дастрасгардонии ин навъ автомобилҳо ба марказ аз моҳи сентябри соли 2021 сар шуда буд.

Соли гузашта Вазорати тандурустӣ маълум карда буд, ки дар хидмати «103» 2938 мошини ёрии таъҷилии тиббӣ мавҷуд буда, аз он 648-то, ё худ 22 фоиз мошинҳо бинобар корношоямӣ бояд нав карда шаванд. Аксарияти мошинҳо (2080-тояшон) Damas буда, дар мамлакат бо ин мақсад истифодабарии онҳо торафт боздошта мешавад.

То моҳи марти соли равон ба ҳудудҳо расонда додани боз 170 автомобили замонавӣ ба нақша гирифта шудааст.

### МЕҲМОНХОНАИ НАВИ АЭРОПОРТИ БАЙНАЛХАЛҚИИ ТОШКАНД

***Дар қаламрави аэропорти байналхалқии Тошканд маросими кушоиши меҳмонхонаи нав баргузор гардид. Ин меҳмонхона дар толори интизорӣ, тарафи чапи маҷмӯи «Арт Базар» ҷой гирифтааст.***

Меҳмонхонаи нав дуошёна буда, аз 24 хонаи хурд (майдони умумиаш 240 метри мурабба) иборат аст.

Дар ошёнаи аввал хонаҳои қайди рӯйихатҳо, шустушӯ ва 13 хонаи индивидуалӣ мавҷуд. 11 хонае, ки дар ошёнаи дувум ҷой гирифтааст, молик ба ҳар гуна шароити замонавист. Яке аз 24 хона люкс бошад, яктоаш оилавист. Ва боз як хонаи дигар барои шахсони имконияти ҷисмониашон маҳдуд ҷудо карда шудааст. Барои кӯдакони то сесола меҳмонхона ройгон хидмат мерасонад.

Ба меҳмонхонаи нав номи нахустдостони «Хамса»-и Алишер Навоӣ – «Ҳайрат-ул-аброр» гузошта шуд. Назар ба маълумотҳо, дар шаҳрҳои Самарқанд, Урганҷ, Фарғона ва Қаршӣ низ сохтани ин гуна меҳмонхонаҳо ба нақша гирифта шудааст.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

---

# МУЛОҚОТҲО БА ҲАМКОРИҲОИ ОЯНДА ЗАМИНАИ МУСОИД ФАРОҲАМ МЕОВАРАНД

*Сафари ҳайате аз тоҷирону соҳибкорони ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд таҳти раёсати раиси ин ноҳия Нусратулло Салимзода, ки ба ноҳияи Риштони вилояти Фарғона сурат гирифт, дар густариши ҳамкориҳои байни ду вилояти ҳамҷавор хеле мусоидат хоҳад кард.*



Меҳмонҳо нахуст аз Маркази байналмилалии кулолони Риштон боздид намуданд. Онҳо дар ин марказ бо маҳорату истеъдоди кулолони номӣ – узви Фарҳангистони бадеии Ўзбекистон Шарофиддин Юсуфов ва ғолиби чандин ҷашнвораҳои ҳунармандони байналмилалӣ Алишер Назиров аз наздик ошно шуданд. Онҳоро ҷилваи нақшу нигори зарфҳои гуногунсохт ва маҳсулоти сафолини дигар хеле ба ваҷд овард.

Баъд меҳмонон дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Навоии шаҳри Риштон бо як гурӯҳ соҳибкорон дидору мулоқот анҷом доданд. Ин кулолон бевосита дар хонаҳои худ корхонаи хусусии кулолгарӣ ва чинибарорӣ ташкил карда ва ба истеҳсоли он машғул мебошанд.

– Ташрифи мо ба ноҳияи Риштон, ки дар он нахустин Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди шӯравӣ аз Тоҷикистон Муҳаммадҷон Қосимов зодаву парварда шудааст, барои мо ҳодисаи хубу хотирмон мебошад. Гузашта аз ин, мардуми шаҳристони куҳанбунёди Риштон аз қадим бо ҳунари кулолгарӣ ном баровардаву шӯҳрат ёфтаанд. Намудҳои гуногуни маҳсулоти онҳоро дар бозорҳову дӯконҳои қаламрави вилояти Суғд низ пайдо кардан мумкин аст. Мо дар заминаи ин ташриф тасмим гирифтем, ки бо як қатор корхонаҳои кулолгариву чинибарории Риштон ҳамкорӣ баркарор кунем. Аз ин ҳамкорӣ соҳибкорони ду вилоят манфиатдор хоҳанд шуд, – гуфт Нусратулло Салимзода.

Дар ҷараёни ин ташриф масъалаи ҳамкории бевоситаи кулолони риштонӣ бо соҳибкорони ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд мавриди баррасӣ қарор гирифт. Тавре ки ҳокими ноҳияи Риштон Баҳодур Холиқов изҳор намуд, ин ҳамкориҳо ҳатман натиҷаҳои хуб ба бор хоҳанд овард ва барои мустаҳкам шудани робитаҳои дӯстии ду халқи бародар – тоҷикону ўзбекон низ мусоидат хоҳанд намуд.

**Дилором ДОДОБОЕВА,**
**роҳбари бахши ноҳияи риштонии Маркази маънавият ва маърифати ҷумҳурӣ.**

---

*Дар анҷумани фарҳангӣ, ки дар Самарқанд ба муносибати дуюмин солгарди Донишгоҳи байналхалқии технологии Самарқанд баргузор гардид, ҳисоботи дусолаи тараққиёти инноватсионии донишгоҳ шунида шуд.*

# ҲИСОБОТИ ДУСОЛАИ ТАРАҚҚИЁТИ ИННОВАТСИОНӢ

Дар тадбир ғайр аз ҷамоату шогирдони мактаби олии мазкур меҳмони хориҷӣ, вакилони идораҳои давлатӣ, аҳли фарҳанг, хабарнигорони расонаҳои ахбор ширкат варзиданд.

Ректори донишгоҳ, профессор Юсуф Абдулло таъкид намуд, ки бо ташаббус ва дастгирии сарвари давлатамон таълимгоҳи мазкур ташкил ёфтааст.

– Тавассути инноватсияи технологӣ, ки асоси тараққиёт ва пешравист ва талаботи замон аст, мо барои Ўзбекистони Нав кадрҳои баландихтисос доир ба технологияи муҳандисӣ тайёр мекунем,– гуфт Юсуф Неъматович.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Самарқанд.**

*ДАР АРЗҲОИ ДӮСТӢ*

***Саттор ШЕРМАТОВ***

## *БЕДИЛ*

*Ғанимат зиндагӣ, дунёи фонӣ,*
*Вуҷуде нест ҷуз Ӯ ҷовидонӣ,*
*Бигуфта ин ба мо шоҳи маонӣ –*
*Сухандони ҳама айём Бедил.*

*Ба маъниҳо падар ӯ буд, ӯ буд,*
*Зи сар то по ҳунар ӯ буд, ӯ буд,*
*Азизи баҳру бар ӯ буд, ӯ буд –*
*Сухандони ҳама айём Бедил.*

*Бувад баҳре канораш пур зи гавҳар,*
*Ки з-онҳо баҳравар ақли шиновар.*
*Нагашта шоире бо ӯ баробар –*
*Сухандони ҳама айём Бедил.*

*Дурахшон офтоби арши маъно,*
*Каломашро пазиро аҳли дунё,*
*Ба бедилхонӣ хонад пиру барно –*
*Сухандони ҳама айём Бедил.*

## *ХУҶАНД*

*Ту шаҳри бостонии ба дил пайванд, аё Хуҷанд,*
*Накарда рӯҳи мардонат адӯ дар банд, аё Хуҷанд.*
*Замоне будӣ Эсхата, кунун Хуҷанди ободӣ,*
*Бузургонат накӯкору хирадманданд, аё Хуҷанд.*

*Канори соҳили Сайҳун аҷаб шаҳри дилоройӣ,*
*Камоли[1] ту камоли туст, эй мулки аҳуройӣ.*
*Бувад Темурмалик фарзанди бебоку далери ту,*
*Ки модарвор парвардӣ ба сад ранҷу шикебойӣ.*

*Ҳамоҳангӣ ту бо Хуқанди мо, Хуҷанди нотакрор,*
*Агар водист ангуштар – нигин ду шаҳри мафтункор.*
*Шавӣ боре агар меҳмон, намехоҳӣ равӣ з-ин ҷо,*
*Ки меҳмондӯст аҳли он ҳалиманду шакаргуфтор.*

*Биҳин зардолузор ин ҷо, ки дорад исфарак[2], қандак,*
*Хурӣ, аз шаҳди маҳтобӣ ҳамесӯзад гулӯ андак.*
*Сано бар боғбонони шарафманди диёри Суғд,*
*Ки бозори ҷаҳон пур бошад аз зардолую баргак.*

*Дар ин ҷо атласу адрас занони хушзабон бофанд,*
*Барои хушқаду қомат, парирӯ духтарон бофанд.*
*Мунаққаш[3] қолии бофандагонаш рашки гулшанҳост,*
*Ки онро аз барои худ ва аҳли ин ҷаҳон бофанд.*

1. ***Камоли Хуҷандӣ***
2. ***Исфарак, қандак, маҳтобӣ*** *– навъҳои зардолу*
3. ***Нақшдор***

***Аз ӯзбекӣ тарҷумаи А.СУБҲОН.***

***Дар ҳокимияти вилояти Самарқанд сифати хидматрасонии давлатӣ ба шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ ва ҳолатҳои қонуншиканӣ дар соҳаи хидматрасонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.***

# СИФАТИ ХИДМАТРАСОНИИ ДАВЛАТӢ МУҲОКИМА ГАРДИД

Зикр гардид, ки дар соли 2023 дар соҳаи хидматрасонии давлатӣ ба 14 ҳазору 800 ҳолати қонуншиканӣ роҳ дода шудааст. Аз ин шумора дар 9988 маврид муҳлати расонидани хидмати давлатӣ вайрон карда шуда, дар 1642 маврид мурочиатҳо беасос рад карда шудааст, дар 849 маврид ҳуҷҷатҳои зиёдатӣ талаб карда шуда, дар 425 маврид хидматрасонии бевоситаи давлатӣ расонида шудааст.

Дар ҷамъомад, ки бо иштироки роҳбарони секторҳо, корхонаю ташкилотҳои вилоят баргузор гардид, сабабҳои вайрон кардани қонун дар қиёси соҳаҳо таҳлил карда шуд.

Аз ҷумла, аз тарафи Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Самарқанд сув таъминоти» (3986-то), Садорати вилоятии Палатаи давлатии кадастр ва филиалҳои минтақавии он дар шаҳру ноҳияҳо (2895-то), идораҳои сохтмон ва меъморӣ (1772-то), муассисаҳои ҳифзи тандурустӣ (1338-то), филиали самарқандии Ҷамъияти саҳҳомии «Ҳудудий электр тармоқлари» (1131-то) ҳолатҳои вайроншавии қонун дар соҳаи хидматрасонии давлатӣ аниқ карда шуд.

Зимнан зикр гардид, ки ба номи роҳбарони мақомоти салоҳиятдор 33 тақдимнома ва 633 мактуби огоҳкунанда пешниҳод гардида, нисбати 501 нафар шахсони айбдор ҷаримаи маъмурӣ ва нисбат ба 56 нафар ҷазои интизомӣ андешида шуданд.

Дар анҷом роҳбарону кормандони масъули хидматрасонии давлатӣ расман огоҳ карда шуданд. Зикр гардид, ки аз ҷониби прокуратураи вилоят ба ҳар як парванда баҳои ҳуқуқӣ дода мешавад.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Самарқанд.**



*Дирӯз дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 9-уми ноҳияи Бӯка бо ташаббуси китобдори китобхонаи мактаб Мадина Турсунова ва ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият Холиқбердӣ Додобоев бахшида ба 583-юмин солгарди Алишер Навоӣ (Фонӣ) бо иштироки хонандагони фаъол чорабинии адабӣ баргузор шуд. Дар чорабинӣ оиди ҳаёт ва фаъолияти шоир, намунаҳо аз эҷодиёти ӯзбекӣ ва тоҷикии шоир қироат карданд. Дар охири чорабинӣ аз ҷониби ҷонишини директор барои хонандагони фаъол ифтихорномаҳо тақдим шуд.*

***Дар сурат:*** *лавҳа аз чорабинӣ.*

***Суратгир: М. ҚОДИРЗОДА.***

# УСТОД ҲАМОНО КИТОБ МЕХОНАНД

Чанд рӯз аст, ки хумори суҳбатҳои шавқангези устод ҳастам. Охирон ин пазмонӣ то ҳадде расида, кору ташвишҳои зиндагиро як сӯ гузошта, ба дидорашон шитофтам. Қарибиҳои нисфирӯз ба хонаашон расидаму аз холамулло пурсидам:

—Устод куҷоянд?

—Он кас китоб мехонанд!, — бо ханда ҷавоб доданд холамулло.

Дари хонаи устодро во карда нигоҳ кунам, устод банди китобхонӣ.

— Ассалому алайкум, устод!

Он кас аз китобхонӣ сар бардошта, сӯям нигоҳе карданд. Омадани маро, ки чашмдошт набуданд, бо тааҷҷуб:

— Шумо кистед? – гуфта пурсиданд.

— Ҳозир ченаки замон пул шуда монд, агар камтар пул дода мемондам, аллакай мешинохтед, — бо шухӣ ҷавоб гардондам.

— Ана ина бинед, — китобро як сӯ гузошта оғӯш кушоданд устод.

Банда охири солҳои ҳафтодуми асри гузашта баъди хатми донишкадаи Бухоро дар мактаби рақами нӯҳуми ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакии ноҳияи Шофиркон ба кор шурӯъ кардам. Он замон ҳоло дар байни устодони ин мактаб иштирокчиёни Ҷанги дуюми ҷаҳон мисли Мавлон Эргашев, Ҳаким Раҳматов, Муҳаммад Бобомуродов, Убайдулло Қӯлдошев (падари кормандони рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» шодравонҳо Хӯҷамурод ва Султонмурод Қӯлдошев), Рафиқ Шокиров фаъолият доштанд, аз онҳо дарсҳои зиндагонӣ ва ба ҳаёт бо назари нек нигаристанро омӯхтам.

Қаҳрамони лавҳаи мо Юсуф Йӯлдошев ба зумраи авлоде тааллуқ дорад, ки давраи бачагиашро ҷанги хонумонсӯз «хӯрда» буд, яъне солҳои бачагии ӯ бо меҳнати тоқатфарсои паси фронт, нимгуруснаю нимсер паси сар шуда буд.

Баъди тамом шудани ҷанг Юсуф ба Институти муаллимтайёркунӣ дохил шуда, онро бомуваффақият хатм намуд ва фаъолияти омӯзгориашро дар мактаби рақами 21-уми ноҳия оғоз намуд.

— Ҳамин тариқ, дар оғӯши мавҷи гирдобҳои зиндагӣ шино карда, аз паси таълиму тарбияи мактаббачагон то ин манзил омада расидани умрро нафаҳмида мондам, — гуфт бобои Юсуф Йӯлдошев. – Шукри беҳад Худованди каримро, ки даҳ нафар фарзандро тарбия намудем. Фарзандҳои калонӣ Юнусҷон ва Исроилҷон Институти хоҷагии халқи Тошкандро хатм карданд, духтаронамон аз пайи касби падар рафта, муаллимиро интихоб намуданд. Келинҳо муаллима. Фурқатҷон соҳибкории соҳаи таълиму тарбияро пешаи худ кард. Кредит гирифта, дар маркази деҳа боғчаи дуқабатаи кӯдакона сохт. Ҳоло дар ин ҷо бачагон нафақат таълиму тарбияи хуб мегиранд, инчунин ба онҳо забонҳои англисиву русӣ низ омӯзонида мешавад.

— Гоҳо вазъиятҳое мешаванд, ки як сухани бамавриди ҳамсуҳбат ба корҳои калон такон мебахшад, — гуфт Ю. Йӯлдошев. — Боре дар оромгоҳ фароғат доштам. Ҳамхонаам мақоли «аз нек боғ мемонад»-ро истифода бурд, баъди он ман ба тараддуди бунёди боғ афтодам. Дар доманаи шаҳраки Кӯрғони Вардонзе дар ҳудуди як гектар замин боғ барпо кардам, ки ҳоло хурду калон аз ҳосилаш баҳрамандан.

Аз рӯйи солшумории ҳиҷрӣ-қамарӣ ба ҳар сивусе соли умр як соли дигар зам карда мешавад, аз ин ҳисоб бигирем, ҳамсуҳбати мо садсола шудаанд, ки ҳоло низ солиму бардам ҳастанд.

Аз устод сабаби дарозумриашонро пурсидам. Ҷавоби он кас одӣ буд: барои ин аввало сабр, сониян шокиру қаноатпеша будан басо муҳим аст.

Аҳли деҳ шӯхиҳои Юсуф-муаллимро зуд-зуд ба ёд меоранд: яке аз рӯзҳои гармои тобистон мироб обро назораткунон то ҳавлии он кас меояд ва муаллимро ҷеғ зада мегӯяд, ки ягон кас беиҷозат як қатра об нагирад. Вақте ки мироб 200-300 метр дур меравад, устод ӯро садо карда мепурсанд:

— Мебахшед, миробҷон! Барои ду сатил об додан ба модагов иҷозатро аз кӣ бояд пурсид?

Мироб, ки дар ин гармои сахт ҳал-ҳалкунон пас гашта буд, бе сухан қафо гашта меравад...

Юсуф Йӯлдошеви заҳматписанд баҳри сериву пурӣ ва таълиму тарбияи фарзандон бо ҳамсараш дар баҳор кирмаки абрешим парвариш кард, тобистон аз саҳро алаф чида, чорво парварид, дар тирамоҳ пахта чида, ками рӯзгорро пур кард. Бо парвариши занбӯр шуғл варзид, ки ҳоло роҳату фароғати ин меҳнати пумашаққатро чашида, даври пирӣ меронад.

**Алимурод ТЕМИРОВ,**
*ноҳияи Шофиркони*
*вилояти Бухоро.*

# «ОВОЗИ ТОҶИК»– 100 СОЛИ ПУРШАРАФ

### ё худ ёди рӯзҳои гузашта дар партави «Бухорои Шариф» ва «Овози тоҷик»

**(Давомаш. Аввалаш дар шумораи гузашта).**

Таассуфи устод Айнӣ беасос набуд. Инро Абдурауфи Фитрат дар як шеъраш дар «Бухорои Шариф» чунин пешгӯӣ кардааст, ки киноя аз беэътиноию бетарафии худи тоҷикон нисбат ба дастгирӣ накардани мактабу маорифи нав ва матбуот аст, ки аз сабаби ба обунашавӣ сусткашӣ кардани тоҷикон аввалин газетаи бо азоби алим таъсисёфтаи тоҷикӣ – «Бухорои Шариф» баста шуд. Инак, намунае аз як шеъри Абдурауфи Фитрат, ки бо унвони «Фиғон» чоп шудааст:

*Фарёд, ки зору нотавонем,*
*Берӯтарини мардумонем.*
*Нашкуфта ба гулшани тамаддун,*
*Афсурдаи меҳнати хазонем.*
*Сармояи мардумӣ надорем,*
*Лекин ба қатори мардумонем...*

Чархи таърих дар гардиш аст. Солҳо паси якдигар гузашта мераванд. Одамон дигар мешаванд, манзараҳо тағйир мееёбанд. Вале хотираи одамоне, ки баҳри хидмати халқу ватан ҷоннисорӣ кардаанд, ҳаргиз аз ёди авлод зудуда намешавад.

«Овози тоҷик» ба ҳама шефтагони забону адабиёти тоҷик чун тимсоли чароғи барафрӯхтаи Аҳмади Донишу Айнӣ, имрӯз ҳам нурпошӣ карда, ин қадамҷои бузургонро ҳамон табаррук менамояд.

### «Овози тоҷик» – даргоҳи табаррук

Камина ба ин қадамҷои аҳли сухан бори аввал тобистони соли 1969, баъди хатми Дорулфунуни Самарқанд омада будам. Он вақтҳо номи ин газета «Ҳақиқати Ӯзбекистон» буд, идорааш дар чанд ҳуҷраи ошёнаи дуюми иморати умумии рӯзномаҳо ҷойгир мешуд, ки баъдтар Нашриёти Кумитаи Марказии ҳизби Коммунистии Ӯзбекистон ном гирифт, даромадгоҳаш аз тарафи муқобили бинои театри академии опера ва балети Тошканд ба номи Навоӣ буд. Азбаски замона осоишта буд, дароборо ба ҳама идораҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, аз он ҷумла, ба идораи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» бемалол буд. Вазифаи «посбон» ё дарбон ба зиммаи як тан аз фаррошон буд, ки бо «салом» ва «хуш омадед» истиқболамон менамуд.

Таърихи пуршарафи «Овози тоҷик» аз санаи 25 августи соли 1924 дар Самарқанд, дар муҳити мураккаби иҷтимоию сиёсӣ, дар замони тақдирсозе, ки масъалаҳои тақсимбандии ҳудуди ҷумҳуриҳои сотсиалистӣ ҳанӯз ҷараён дошт, сар шуда, чун минбар ба халқи тоҷик хидматҳои шоён ба ҷо овардааст. Ин рӯзнома аз шумораҳои аввалинаш ба аҳли зиё ғурур ва сурур бахшидааст. Ба қавли донишманди соҳа Пайванди Гулмуроди форишӣ: «Рӯзномаи «Овози тоҷик» майдони қуввасанҷӣ, худшиносиву худогоҳӣ гардид ва дарди мардумро бо ҷасорату ғайрати беандоза ифшо мекард».

Ба ин ифодаи собиқ декани факултаи журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, таҷрибаомӯзи деринаи «Овози тоҷик», номзади илм, шодравон Пайванди Гулмурод метавон илова намуд, ки то нашри «Овози тоҷик» аввалин рӯзномаи тоҷикӣ бо кӯшиши Мирзо Сироҷи Ҳаким бо номи «Бухорои Шариф» нашр шуда, баъди нашри шумораи 153 баста шудааст. Ҳафтаномаи «Шӯълаи инқилоб»-и Саидризо Ализода (1919), аз «Бухорои Шариф» ҳам камтар, ба интишори ҳамагӣ 22 шумора муваффақ шуда, аз нашр бозмонд.

Бешак, чунонки дар боло мисол овардем, сабаби асосии ба зудӣ баста шудани матбуоти тоҷикӣ, пеш аз ҳама ҳаросидани дастгоҳи Генерал-губернатории Туркистон аз бедории мафкураи аҳолии маҳаллӣ бошад, сабаби дигараш, ғафлатзадагии худи тоҷикон будааст, ки аз тариқи обуна ҳам чандон дастгирӣ накардаанд.

Аз ин ваҷҳ, равшанфикрони эҳтиёҷманд ба минбари тоҷикии розу ниёзҳо чопи «Овози тоҷик»-ро чун падидаи умедбахш гарм истиқбол гирифтаанд. Ҳамон эҳтиёҷ, нигарониҳои тоҷиконро устод Айнӣ дар шумораи аввалини «Овози тоҷик» ин зайл равшан намудаанд:

*Бо парда то ба чандин рози тоҷик,*
*Биё, биншин, шунав овози тоҷик.*
*Пас аз чанде ба хомӯшӣ ғунудан,*
*Баромад оқибат «Овози тоҷик»*

Барҳақ, рӯзномаи тоҷикон, ки «пас аз чанде ба хомӯшӣ ғунудан» барои муттаҳид кардани равшанфикрони тоҷик, ҷиҳати ташаккули худшиносии миллӣ камари ҳиммат маҳкам баста буд. Номи рӯзнома, ки 25 шумораи аввали он ба унвони «Овози тоҷики камбағал», сипас бо номи «Овози тоҷик», аз 5 январи соли 1931 «Ҳақиқати Ӯзбекистон», аз моҳи марти соли 1950 «Ӯзбекистони сурх» ва сар аз 5 июли соли 1964 дубора «Ҳақиқати Ӯзбекистон» ном гирифтани он худ гувоҳи ҳол аст.

Баргаштани газета ба номи аслиаш – «Овози тоҷик» низ таърихчае дорад, ки ба соли пошхӯрии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ (СССР) ва қарор ёфтани Истиқлоли Ӯзбекистон рост меояд, ки саршавии онро «бозсозӣ» ном дода буданд. Ҳамон вақтҳо рӯшодгӯйӣ дар авҷ буд. Дар яке аз маҷлисҳои идора пешниҳод кардем, ки газетаамонро бояд «Овози тоҷик» номем. Сармуҳаррир Шавкат Ниёзов таклифро напазируфтанд. Вақте ки сабаб пурсидем, гуфтанд, ки ҳарфҳои «Овози тоҷик» назар ба қолаби «Ҳақиқати Ӯзбекистон» камӣ мекунад. Аммо баъди маҷлис ба сармуҳаррир исрор кардем, ки агар гап сари шумораи ҳарфҳо равад, ҳарфҳои ҳар ду ном як хел мебароянд. Сармуҳаррир аз ин муқоиса мутаҳаййир гашта, бо табассум гуфта буданд, ки ҳанӯз аз «боло» амр нест. Аз афт, баъдтар амр шуд магар, рӯзнома ба номи ҳозирааш гузашт.

...Ҳамзамон ба ин, «Овози тоҷик» аз ибтидои фаъолияташ масъалаи даст ба дасти ҳамдигар додани зиёиёни тоҷику ӯзбекро аз эътибор дур накардааст, зеро ин ду халқ аз замонҳои қадим бори таърих якҷоя ба дӯш гирифта, дар ҳамсоягӣ ва ҳамхонагӣ умр ба сар бурдаанд. Беҳтарин намунаи ҳамкории маънавию мадании тоинқилобиро аввал дар таърихи «Бухорои Шариф» мебинем, ки чун илова рӯзномаи «Тӯрон»-ро баровардааст.

«Шӯълаи инқилоб»-и Саидризо Ализода бошад, ба се забон (русӣ, ӯзбекӣ, тоҷикӣ) нашр мешуд.

«Овози тоҷик» аз рӯзҳои аввали таъсисаш ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ шудааст. Душвории аввалинаш эҳтиёҷ ба кадр, норасоии қаламкашони тоҷик буд, ки инро аз ходимони пешин бисёр шунида будем. Ин хел ниёзмандӣ, бо сабабҳои маълум, ҳатто дар солҳои 50 ва 60-уми асри гузашта низ давом кардааст.

Чунончи, Муҳсин Умарзода мегуфтанд, ки бо таклифи сармуҳаррири ҳамонвақта Мирбарот Фозилов соли 1954 ба кори рӯзномаи тоҷикӣ ҷалб шудаанд. Тоҳир Олимбоеви зиндаёд борҳо ба ёд меоварданд, ки солҳои панҷоҳум дар ҳамин идора курсҳои кӯтоҳмуддат кушода, тоҷикони забонгумкардаро забон меомӯхтанд. Аз нақли Олимбоев дар хотир мондааст, ки падарашон (Олимбобо) солҳои пеш аз ҷанг бо як гурӯҳ ҳамдеҳагони худ аз Мастчоҳ ба Янгийӯл омада, он ҷоро обод кардаанд, дар он ноҳия ӯзбекӣ хонда, ба факултаи шарқшиносии университет, албатта ба забони ӯзбекӣ, ба таҳсил давом бахшида буданд. Лекин ба сабаби нарасидани кадр ба «Ӯзбекистони сурх» даъват шуда, забони тоҷикиро дар ҳамин даргоҳ омӯхтаанд. Турсунбой Раҳимҷонови зиндаёд низ хатмкардаи мактаб ва шӯъбаи ӯзбекии факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна буданд.

*Руҷӯъ.* Барои таҳияи рисолаи дипломии худ, дар мавзӯи «Ҳаёт ва эҷодиёти Ноил Шерзода» бо чанд тан аз ходимони собиқи рӯзнома, ки Ноил Шерзодаро мешинохтанд, солҳои 1968-69 вохӯрда будам, ки дар байни эшон Раҳим Ҳошим, Тӯрақул Зеҳнӣ ҳам буданд. Аммо филҳол иқтибоси ёддоштеро, ки аз Шаҳобуддин Садруллин (баъди Қурбӣ, дуюм сармуҳаррири «Овози тоҷик») замоне навишта гирифта будам, муносиб ёфтам:

«Аввалин касе, ки ҳамчун маслиҳатчӣ ва муҳаррири адабӣ ба кори идораи «Овози тоҷик» ҷалб карда шуд, Садриддин Айнӣ буд. Айнӣ ба редаксия дар ҳақиқат ёрии калон расонд. Бо тавсияи ӯ аз Бухоро Пайрав Сулаймонӣ, аз Ӯротеппа Суҳайли Ҷавҳаризода, Ноил Шерзода, Баҳриддин Азизӣ, аз Хуҷанд Қурбон Йӯлдошев, Баҳлулзода, сонитар аз Фарғона Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ барои кор ба идораи газета даъват карда шуданд. Ба муносибати омадани ин қувваи калони равшанфикрон сифати кор ва забони газета хеле беҳтар гардид».

Касе, ки вориди ин мавзӯъ шуд, суоли табиӣ пеш хоҳад овард, ки чаро гап аз соли 1924 нею аз соли 1969 сар шуд. «Нимкосаи таги коса» дар он аст, ки камина аз пеш ба ин даргоҳ, чун ба маъбуда менигаристам, маҳз ҳамон сол ба висолаш расида, орзуҳои ҷавониро ҷомаи амал пӯшондан мехостам. Ва то имрӯз намедонам, меҳр бошад, ё сеҳр, ки аз ин маъбуда лаҳзае дур шудан бароям амри муҳол аст.

Ҳамин меҳр сабаб баъзан тӯшае дар даст «элак баҳонаву дидор ғанимат» ба ин қадамҷои бузургон меоям, то тавофи хотири ёрон намоям, аз раҳраву толор ва ҳуҷраҳои «Овози тоҷик» садои қадаммониҳо, овозҳои дилнавоз шунавам, бӯйи ёрони ҳамкор бо тасаввур дарёбам. Чунки дар хаёл дирӯзакак буд, аллакай беш аз ним аср гузаштааст, ки камина ҳам замоне дар қатори хӯшачинҳои ин хирмани маънӣ будам – бо Шавкат Ниёзов, Муҳсин Умарзода, Муҳаммадҷон Мухторов (шоир Васфӣ), Ҳоҷиқурбон Ҳамидзода, Ҷонибек Қувноқов, Хӯҷамурод Қӯлдошев (Авестоӣ), Саъдихон Солиев, Тоҳир Олимбоев, Турсунбой Раҳимҷонов, Ҷаҳонгир Абдуллоев, Нор Остонзода, Авнер Исхоқбоев, Юсуф Мирзоев, ки ҳоло дар қайди ҳаёт нестанд, кор мекардам. Рӯзноманигори шоистаи ҷумҳурӣ Муайяна Хоҷаева, нависанда Бекназар Тӯйназаров то синни нафақа бо мо буданд. Адиби номвар Адаш Истад, Шоҳаққор Салимов, Эҳсон Турдиқулов, Матлуба Шоалиева, Абдусалом Самадов, Ислом Орифов, Субҳон Файзиев, Султон Набиев, Каримҷон Муҳиддинов, Пӯлодҷон Қаҳҳоров, Истад Қосимов, Маҳмудҷон Қосимов ва боз чанд рафиқони дигар, ки баъзеашон дар дигар вазифаанду баъзеҳо даври пирӣ меронанд, ҳамчунон дар кору бори рӯзнома саҳм гузоштаанд.

Имрӯз «мо пир шудем, дунё ҷавон аст». Дар кабинети сармуҳаррир бо Шерпӯлод Вакилов суҳбат доштаму дар дил саҳифаҳои китоби хаёлиро, ки бо гузашти айём хира метофт, аз нав равшан менамудам.

Ислоҳоте, ки тавассути Президент Шавкат Мирзиёев рӯйи кор омадааст, ба тамоми маънӣ ба рӯҳияи мардум таъсири файзбахш расонд. Инъикоси ин ҳама ислоҳоту навовариҳои сиёсӣ, махсусан дар бахши эҳё кардани муносибатҳои нек бо кулли ҳамсоядавлатҳои қаламрави Осиёи Миёна, билхосса бо Тоҷикистон, як навъ инқилоб дар тафаккур ва шуурҳо гардида, ишорат ба даври Ренессанси исломӣ менамояд, ки дар замони Сомониён рух дода буд, ҳамчунин даври Темуриёнро пеши назар меоварад.

**(Давом дорад).**

**Маъруф ОТАХОНЗОДА,**
**Журналисти**
**хидматнишондодаи Ӯзбекистон.**

# ДАР РОҲИ ОЯНДА БО ҶАВОНОН

***Ба қарибӣ дар толори бинои маркази Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ бо ташаббуси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон, якҷоя бо Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони вилояти Тошканд тадбири маданиву маърифатӣ баргузор гардид.***

Чорабинӣ бахшида ба Соли дастгирии ҷавонон ва тиҷорат дар мавзӯи «Дар роҳи оянда бо ҷавонон» гузаронда шуд. Дар он сафири Тоҷикистон дар Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ Ғафурҷон Муҳамедов, раиси Маркази миллӣ- мадании тоҷикони Ӯзбекистон Гуландом Субҳонова ва як қатор олимону ходимони соҳаи маориф, намояндагони марказҳои миллӣ- фарҳангии рус, қазоқ ва куриёи шаҳри Чирчиқ иштирок карданд. Дар қисми бадеии тадбир дастаҳои ҳунарии Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони шаҳри Чирчиқ бо раҳбарии Орзугул Абдураҳмонова, гурӯҳи рақсии «Гулдухтарони масчоҳӣ» аз ноҳияи Бӯкаи вилояти Тошканд, овозхонҳо Аҳмад Назар ва Нургул Ӯлҷабоева, инчунин дастаи рақсии «Ситора» аз ноҳияи Пискенти вилояти Тошканд баромад карда, табъи ҳозиронро хушнуд гардониданд.

Инчунин, дар чорабинӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти бузургони хирад – Алишери Навоӣ ва Заҳириддин Муҳаммад Бобур сухан рафт ва донишҷӯён аз ашъори онҳо ғазалҳо қироат намуданд.

Гузашта аз ин, дар саҳни даромадгоҳ анҷомҳои ороиши миллӣ, маводҳои заргариву нуқрагии ҳунарманд Муҳаббат Ҷовидон, растаи китобу рӯзнома ва маҷаллаҳои тоҷикӣ гузошта шуда буданд, ки ҳозирон то оғози чорабинӣ аз онҳо дидан карданд. Ба хусус, дастҷамъи китобҳое, ки аз ҷониби Абдуҷаббор Раҳмонзода ҷиҳати тӯҳфа ба китобхонаи донишгоҳ оварда шуда буданд, диққати донишҷӯёнро ба худ ҷалб кард ва анбӯҳи зиёди онҳо китобҳоро бо ҳавас аз назар гузаронданд.

**Шаҳзода ИБРОҲИМОВА,**
**донишҷӯи курси якуми**
**факултаи методикаи**
**таълими ибтидоии ДДЧ.**

***Дар вилояти Қашқадарё барои рушди соҳаи IT як қатор корҳои назаррас ба анҷом расиданд.***

# *Соҳаи IT такмил меёбад*

Президенти кишвар дар яке аз маҷлисҳои видеоселектории моҳи декабри соли гузашта, дар бораи беҳбуди сохтори IT фармоиши махсус дода, аз ҳокимони маҳаллӣ ҳарчи зудтар такмил додани ин соҳаро дархоста буд.

Дар вилояти Қашқадарё низ барои дар амал татбиқ намудани талабҳои роҳбари давлат аз буҷаи ҳукумати маҳаллӣ чор миллиард сӯм ҷудо шуда, айни ҳол маркази содироти хадамоти IT-и шаҳри Қаршӣ ба тақозои замон мувофиқ гардонда мешавад. Таҷҳизоти пешрафтаю муосир насб гардида, қиёфаи зоҳирии бино нав ва усули хидматрасонӣ сифатан беҳ мешавад. Ҳоло дар маркази мазкур бештар аз 150 кас бо хидматрасонии IT шуғл варзида, ба пешрафти соҳаи мазкур ҳисса мегузоранд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**

*Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.*

**Бо тавсияи Шӯрои адабиёти тоҷик**

***Чанде қабл маҷлиси ҳисоботии Шӯрои адабиёти тоҷик дар назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон баргузор шуд. Дар он, аз ҷумла, ҳисоботи узви Шӯро зери номи «Насри бадеӣ ва публитсистика» шунида шуд, ки ҳоло пешкаши хонандагони рӯзнома мегардад.***

# НАСРИ БАДЕӢ ВА ПУБЛИТСИСТИКА

Мегӯянд, ки ҳар он чӣ собиқа дорад, оянда низ дорад. Аз ин дидгоҳ, дар Ӯзбекистони кунунӣ адабиёти форсии тоҷикӣ, аз он ҷумла, насри бадеӣ ва публитсистика бе собиқа нест.

Адабиёти навини тоҷик дар ин марзу бум аз ибтидои садаи XX оғоз меёбад. Вале шоиру нависандагони тоҷик то садаи XX низ осори бадеӣ офаридаанд. Беҳтарин намунаҳои насри бадеӣ – қиссаву ҳикоёти «Калила ва Димна», «Самаки айёр», «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Ҳазору як шаб» тӯли асрҳо аз ҷониби нависандагони ин сарзамин мавриди омӯзиш ва гирумон қарор гирифтаанд.

Роману қисса ва ёддоштҳои мондагори поягузори адабиёти навини тоҷик, устод Садриддин Айнӣ – «Одина», «Ятим», «Дохунда», «Ғуломон», «Мактаби куҳна», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» дар Самарқанди бостонӣ тавлид шудаанд. Ҳамчунин, нависандагони саршиноси тоҷик Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Болта Ортиқов, Саттор Турсун, Иноят Насриддин, Мутеъулло Наҷмиддинов, Шодон Ҳаниф, Адаш Истад, ки зодаву парвардаи ин диёранд, бо таълифоти хеш ба рушди насри тоҷик саҳми назаррас гузоштаанд.

Устод Адаш Истад имрӯз низ дар Самарқанд бо эҷоди осори бадеӣ машғул аст. Соли сипаригардида нашриёти «Адиб»-и Тоҷикистон китоби ӯ «Парастуҳои Регистон»- ро, ки шеър, ҳикояву афсона, ду асари саҳнавӣ ва осори публитсистиашро дар бар гирифтаанд, ба хонандагон пешниҳод намуд.

Роҳбари давлатамон, муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба адабиёт ва аҳли адаб ҳусну таваҷҷуҳи зиёд дорад. Бо ташаббуси ӯ бинои нави замонавии Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон сохта, ба истифода дода шуд. Бунёди боғ дар атрофи ин бинои муҳташам ва қад афрохтани пайкараҳои адибони саршиноси кишвар як рӯйдоди фарҳангӣ буд. Чанде қабл аз нав таъсис ёфтани Шурои адабиёти тоҷикро дар назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон аҳли адаб ва фарҳанги ҷумҳурӣ чун фоли нек хуш пазируфт.

Адибони ҳавзаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон дар солҳои ҳафтодуму ҳаштодуми садаи XX дар пайравӣ ба устодони каломи бадеъ ба рушди насри бадеӣ ва публитсистика то ҷое саҳм гузоштаанд. Насли нисбатан ҷавони адибон: Аминҷон Шукуров, Чоршанбеи Деҳнавӣ, Норқул Шукуров, Бекназар Тӯйназаров, Бахтиёр Ҷумъаев, Солеҳ Саид Мурод, Муҳаммадҷон Шодӣ бо қиссаву ҳикояҳои ҳаҷман хурду бузурги худ дар ташаккули насри ҳавзаи мазкур ҳисса гузоштанду мегузоранд. Далели ин гуфта китоби қиссаву ҳикояҳои онҳо – «Бори дил», «Дар кӯчаҳои шаҳр» (Б. Тӯйназаров), «Хандахариш», «Гап байни худамон монад», «Савғо», «Доруи дарозумрӣ», «Гиреҳи армон», «Қалами сурх», «Ҳаҷи пиёда», «Мошкичирӣ», «Чӣ бояд кард», «Дардханда» (Б. Ҷумъаев), «Суҳбат боқӣ», «Қиссаҳои Гулобӣ», «Андешаҳо дар танҳоӣ» (Солеҳ Саид Мурод) мебошад, ки дар нашриётҳои Ӯзбекистон рӯйи чопро дидаанд.

Нависандагони ҳавза ба жанрҳои ҳаҷман бузург низ даст зада истодаанд, ки ҳодисаи хурсандибахш аст. Муҳаммадҷон Шодӣ адиби зуллисонайн мебошад. Таълифоташро ба забонҳои тоҷикиву ӯзбекӣ анҷом медиҳад. Аз қиссаву романҳои ӯ «Коломбо дар Тошканд», «Зиндагӣ зӯр аст», «Таърихи як куштор», «Ҷазо», «Арҷманд», «Шоҳаншоҳ» ва «Осмон баланд» порчаҳо дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ва дигар нашриёҳо чоп шудаанд. Оиди ҳаёти оилавии бузургони олами адабиёт ва санъат як силсила мақолаву ҳикояҳо навишт, ки нашриёти «Шарқ» онҳоро дар шакли китоби алоҳида зери номи «Қалбҳои оғушта ба нур» ба забони ӯзбекӣ чоп кард.

Насри бадеӣ ва публитсистикаи ҳавза, баъди дастрасии ҷумҳурӣ ба истиқлол, рӯ ба инкишоф ниҳод. Даврони истиқлол ба ҳама соҳаҳо, аз ҷумла, ба соҳаи адабиёт низ такони нав бахшид, ба қавле, нируҳои хуфтаро бедор кард.

Як зумра адибони соҳибтаҷриба ва ҷавон ба мисли Юнуси Имомназар, Шариф Халил, Фаридуни Фарҳодзод ва дигарон бо диду нафаси тоза вориди майдони адабиёт гардиданд. Юнуси Имомназар романеро бо номи «Сабзу сурх» ба дасти чоп дод. Қиссаву ҳикояҳои ӯ: «Ҷоми саргардон», «Аз санг сахт, аз гул нозук», «Марзи умед», «Се барги сабз» (муаллиф се нафар: Шариф Халил, Юнуси Имомназар ва Фаридуни Фарҳодзод) низ, ки дар нашриётҳои пойтахт чоп шудаанд, мавзӯъҳои муҳими рӯзро дар бар гирифтаанд.

Шариф Халил аз нависандаҳои хушқареҳаи ҳавза аст. Ҳикояҳояш банду басти қавӣ ва ҷозибаи ба худ хос доранд. Аз гирумонаш пайдост, ки ӯ аз нозукиҳои насри Аврупо, рус ва қадиму ҷадиди тоҷик бархурдор аст. Китоби қиссаву ҳикояҳои ӯ – «Дар пешонии кӯҳи баланд», «Ширмолаҳои маҳтобӣ» ва «Се барги сабз», ки тӯли солҳои охир ба дасти хонанда расидаанд, ин гуфтаро собит менамоянд.

Нависандаи ҷавони умедбахш – Фаридуни Фарҳодзод талаботи жанри ҳикояро ба таври кофӣ аз худ намудааст. Ба масъалагузорӣ дар ҳикоя, ки яке аз талабҳои асосии ин жанр маҳсуб мешавад, эътибори ҷиддӣ медиҳад. Хонанда вақте китобҳои солҳои охир интишордодаи ӯ: «Се барги сабз» ва «Шаби ялдо»-ро мутолиа менамояд, ба ин гуфта боварӣ ҳосил мекунад.

Аз чӣ бошад, ки бонувони тоҷик ба наср кам муроҷиат менамоянд. Аксарият шеър менависанд. Дар Тоҷикистон низ бонувони наснавис ангуштшумори анд. Фикр мекунам, дастгирӣ ва рағбатнок кардани онҳо ба насри бадеӣ натиҷаи матлуб мебахшад. Зеро онҳо дунёи занонро хуб дарк менамоянд.

Дар ҳавзаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон аз ҷинси латиф ҳамагӣ чор нафар – Маҳбуба Турсунова, Маҳбуба Неъматзода, Саодат Рӯзиева (Бекназарова) ва Малика Ҷумъазодаро медонем, ки бо ҳикоянависӣ сарукор доранд. Маҳбуба Неъматзода асосан барои хурдсолон шеърҳои дилнишин меофарад. Ҳамчунин аз китобҳои интишордодаи ӯ ҳикояҳои барои хурдсолону бузургсолон навиштааш низ ҷой гирифтаанд.

Ҳикояҳои Маҳбуба Турсунова, ки қисмате аз онҳо ҳаҷвианд, дар шакли китоб таҳти номҳои «Савдои мушкил», «Аҷаб мардумоне», «Хазинаи ханда» ба дасти хонанда расидаанд.

Саодат Рӯзиева дар ибтидо бо тарҷума сарукор дошт. Ҳикояҳои нависандагони ӯзбек Гулчеҳра Сотиболдиева, Муяссар Тилавова, Ҳалима Аҳмедова ва дигаронро бо маҳорати ба худ хос ба забони тоҷикӣ баргардондааст. Дертар худ низ ба навиштани ҳикоя шурӯъ намуд.

Хонандагони «Овози тоҷик» бо ҳикояҳои ӯ «Момо», «Зоча», «Тахти бахт», «Торикӣ», «Болори ҷуфт», «Модарандар», «Ман ёд кардам, оча», «Лӯлизан» ошноянд.

Малика Ҷумъазода барои хурдсолон менависад. Аз гирумонаш пайдост, ки бо ҳолатҳои равонии хурдсолон ошност ва ба дунёи рангини онҳо ворид шуда метавонад. Ҳикояҳои барои хурдсолон таълифнамудаи Малика дар китобҳои ӯ «Нони ҳалол» ва «Олами ирфон» гирд оварда шудаанд.

Тӯли солҳои бозсозӣ ва истиқлол дар ҷумҳуриамон теъдоди нашрияҳои тоҷикӣ ба маротиб афзуданд. Ҳоло, ба ҷуз рӯзномаи «Овози тоҷик», дар шаҳру вилоятҳои Ӯзбекистон рӯзномаҳои «Овози Самарқанд», «Ховар» ва саҳифаҳои тоҷикӣ (дар ноҳияҳои тоҷикнишин) чоп мешаванд. Нашри маҷаллаи адабӣ, илмӣ ва фарҳангии «Дурдонаи Шарқ» дар Самарқанд як рӯйдоди адабиву фарҳангӣ буд.

Шояд зиёд шудани нашрияҳои тоҷикӣ сабаб шуданд, ки публитсистикаи миллӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Адибон ва журналистони касбӣ имрӯз ба рушди публитсистикаи тоҷик саҳм мегузоранд. Як рӯйдоди фарҳангии дигар дар соҳаи журналистика ин аст, ки соли сипаригардида якбора се нафар журналисти тоҷик: Мирасрор Аҳроров, Шоқаҳҳор Салимов ва Саодат Бекназарова дар озмуни «Олтин қалам» («Килки заррин») ғолибиятро ба даст даровarданд.

Дар рӯзномаҳои «Овози тоҷик», «Овози Самарқанд», «Ховар» ва маҷаллаи «Дурдонаи Шарқ» журналистоне кору фаъолият доранд, ки бе ишкол дар ҳамаи жанрҳои журналистика мавод омода карда метавонанд. Ин гуфтаро ҳамчунин тавассути нашриётҳои пойтахт дар шакли китоб чоп шудани очерку мақола, мусоҳибаву гузориш ва лавҳаҳои Мирасрор Аҳроров («Орзу ва армон», «Фарзандони фарзонаи Фарғона»), Саодат Бекназарова («Армуғон»), Шариф Халил («Ҳамеша бо Ватан») собит менамояд. Аз ин китобҳо журналистони ҷавон метавонанд гирумон омӯзанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар насри бадеии нависандагони ҳавзаи адабиёти тоҷики Ӯзбекистон манзараҳои нотакрор, урфу одат ва рӯзгори мардуми ҳамин кишвар инъикос ёфтаанд.

Биноан, пешниҳоде доштем.

Якум, ҳоло мактабҳои таълими ҳамагонӣ ва гурӯҳҳои тоҷикии муассисаҳои таълими олии мамлакат ба китобҳои бадеӣ, хоссатан осори насрӣ, ниёз доранд. Кори хайр мешуд, агар барои мактабҳои тоҷикӣ ҳар сол як бор антологияи наср ва назми адибони тоҷики Ӯзбекистон бо ҳамдастии Иттифоқи нависандагон, Вазорати таълими олӣ ва миёнаи кишвар рӯйи чопро медид.

Дуюм, бояд диққату эътибори ноқидону адабиётшиносони мамлакатро ба бурду бохти насру назми ҳавза ҷалб намуд. Ин кор ба рушди адабиёт такони ҷиддӣ хоҳад бахшид.

**Абдулло СУБҲОН, узви Шӯрои адабиёти тоҷик дар назди Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон.**

***Дар вилояти Фарғона як зумра инсонҳо ҳастанд, ки дар рушди ҳунарҳои миллӣ, ба ҷавонон омӯзонидани он, талқини арзишҳои мардумии дар тӯли ҳазорсолаҳо аз насл ба насл меросмонда нақши муассир мебозанд. Яке аз чунин инсонҳои шариф дар ноҳияи Фурқат машғули фаъолият мебошад. Ӯ дар ҳунари кандакории миллӣ ва рассомӣ ҳамчун усто ва устоди беназир муаррифӣ шудааст.***



# ТАЪСИСИ МАКТАБИ ХОСИ КАНДАКОРӢ МАДДИ НАЗАР АСТ

Сухан маҳз дар бораи Муҳаммадалӣ Юнусов меравад. Вай устои наққоши корхонаи оилавии «Усто Юсуфҷони наққош», Устои халқии Ӯзбекистон, дорандаи ордени «Эл-юрт шарафи» мебошад. Дар давоми фаъолият ин марди фурӯтану хоксор бо шогирдонаш дар як қатор вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва хориҷ аз кишвар дар сохтмони чойхона, зиёратгоҳ ва бинову иншоотҳои хеле зиёд саҳми муносиб гузоштааст. Ба таври мисол, бо дастони мӯъҷизакори ин устои мардумӣ ва шогирдони ӯ дар сафоратхонаҳои Ӯзбекистон дар Украина ва дар Чин ҳавлӣ ва айвонҳои даруни бино бо услуби хоси миллӣ сохта шудаанд. Сутун, кати чӯбин, дарвоза ва навъҳои гуногуни маснуоти дигар, ки маҳз бо тарзи кандакорӣ оро дода шудаанд, ин намуди санъату ҳунари миллиро бозтоб додаанд.

– Солҳои охир услуби корамонро аз ҳисоби таҷрибаҳои ҳосилшуда боз бештару беҳтар ғанӣ мегардонем, дар асоси фармоиш дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ машғули фаъолият мебошем, – мегӯяд зимни суҳбат Муҳаммадалӣ Юнусов.

Сутунҳои айвони масҷиди «Ҳазрати Имом» ва «Осорхонаи ёдбуди давраи қатли ом»-и майдони хотираи шаҳри Тошканд маҳз бо нақшҳои кандакоришуда оро ёфтаанд, ки боиси ҳайрати умум гаштаанд.

– Ману шогирдонам дар сохтмони айвону сутунҳои чанд кохи бадеии бачагон, маҷмааи ҷавонони деҳаи тоҷикнишини Арсифи шаҳри Қувасой, «Хонаи қабул»-и деҳаи Садқаки канори шаҳри Фарғона ширкат карда, барои бо услуби хоса бо нозуктарини усулҳои кандакории чӯб сайқал додани он заҳмат кашидаем, – иброз медорад ин ҳунарманди маъруф.

Ба гуфтаи Муҳаммадалӣ Юнусов дар бунёди мақбараҳои «Хоҷа Дониёр» ва «Ҳазрати Хизр»-и шаҳри Самарқанд, маркази «Нурониён»-и боғи фароғатии «Ал-Фарғонӣ»-и шаҳри Фарғона, Боғи эҷодкорони ба номи Эркин Воҳидови шаҳри Марғилон ва амсоли он нақши дастони ӯву шогирдонаш барои ҳамеша боқӣ мондаанд.

Дар айни ҳол М. Юнусов барои барқарор намудан ва идомаи санъати дастии миллӣ, ки асрори кандакории чӯбу тахта ва ҳунари ороиширо дар худ муҷассам менамояд, бо истифода аз анъанаи усто-шогирд ба таври васеъ тарғиб мекунад.

– Теъдоди шогирдонам хеле зиёд, онҳо ҷавонони шаҳру ноҳияҳои вилоят ва берун аз онро ташкил мекунанд. Аксарияти онҳо дар бунёди сохтмонҳое фаъолият менамоянд, ки бо тарзу шакли миллӣ арзи вуҷуд хоҳанд кард. Акнун таъсиси як мактаби махсуси кандакориро барномарезӣ кардаем. Дарояндаи наздик ин нақшаи мо амалӣ хоҳад шуд, – мегӯяд дар поёни суҳбат Муҳаммадалӣ Юнусов.

Ногуфта намонад, ки М. Юнусов чил сол боз ба ин ҳунару санъати миллӣ машғул аст. Ӯ аз хурдӣ аз бобову падараш ин ҳунарро омӯхта, дар тӯли солҳо муваффақ шудааст, ки мактаби хоси худро ба вуҷуд оварад. Вай тасмим гирифтааст, ки дар ноҳияи Фурқат Маркази омӯзишии асрори кандакориву рассомиро ба ҷавонон таъсис диҳад.

**Дурдона ҒАФФОРОВА.**
*Вилояти ФАРҒОНА.*




*Дар доираи лоиҳаи «Зӯр!» («Класс!»), ки ба дар мамлакат беҳтар кардани сифати таълими фанҳои забони русӣ ва фанҳои умумӣ нигаронида шудааст, айни ҳол дар мактабҳои таълими умумии рақами 41-юми шаҳри Бухоро, 1-уми ноҳияи Ҷондор ва рақами 3-юми ноҳияи Рометан се нафар омӯзгорони русиягӣ ба хонандагон аз забони русӣ, фанҳои математика ва биология дарс медиҳанд. Ба наздикӣ боз як мутахассиси хориҷӣ дар мактаби таълими умумии рақами 2-юми ноҳияи Бухоро ба кор сар кард. Мутахассиси фанни физика Оксана Овчаренкои русиягӣ ҳоло дар мактаби мазкур якҷо бо ҳамкасбони худ бобати бо сифат омӯзонидани фанни физика фаъолият дорад.*

***Шабакаи расмии Telegram-и ҳокимияти вилояти Бухоро.***

# ХАЗИНАИ ИЛМИ НИЁГОН

***Омӯхтан ва ба хати имрӯза баргардондани дастнависҳои қадима аз корҳои шоёни олимони мост, ки маҳз туфайли ин заҳмати фаровони онҳо мо аз асрори илми ниёгон, афкори баланди гузаштагони худ хабардор мегардем. Пас аз он, ки алифбои зиёда аз ҳазорсолаи миллати мо тағйир дода шуд, миёни гузаштагону имрӯзиён монеа ба вуҷуд омад ва робитаҳо халал ёфтанд. Имрӯз барои пур кардани ҳамин холигоҳ олимони мо кӯшиш мекунанд.***

Президент Шавкат Мирзиёев ҳанӯз 9 апрели соли 2019, ҳангоми зиёрати мақбараи Султон Содот, ки дар қарибиҳои шаҳри Тирмиз ҷойгир аст, аз аҳли илм даъват карда буд, ки осори гузаштагонамонро хубтар омӯзанд ва ба алифбои кунунӣ баргардонӣ намуда, дар хидмати умум қарор диҳанд. Баъд аз ин саъю ҳаракати аҳли илм дар ин самт зиёд гашт.

Аз ҷумла, чунин талошҳо дар Донишгоҳи давлати Самарқанд бо номи Шароф Рашидов ҳам бештар шуданд ва ҳоло олимони зиёд ба омӯзиши дастнависҳои куҳна машғуланд. Соҳаҳои манбаъшиносӣ, матншиносӣ, тарҷума, замоншиносии осори қадима бештар рушд мекунанд. Бояд гуфт, ки дар Донишгоҳи давлати Самарқанд китобхонаи ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ мавҷуд аст, ки аз оғози таъсиси донишгоҳ амал мекунад. Китобхона шуъбаи дастхатҳо низ дорад ва дар он зиёда аз 12 000 осори нодир ҳифз мешаванд. Ин китобҳо ба соҳаҳои гуногуни илм мутааллиқанд.

Дастнависҳои қадимаи мазкур бо забонҳои арабӣ, форсии тоҷикӣ ва туркӣ навишта шудаанд. Масалан, рисолаи Муфтии Самарқандиро (рақами инвентариаш 1259609) метавон мутолиа намуд, ки барои олимони ҳуқуқшинос аҳамияти калон дорад.

Устод Муҳаммадхон Бузруков дар хусуси як китоби дигар ҳарф заданд, ки номаш «Рисолаи Алии Қушчӣ» буда, ба илми риёзиёт – математика бахшида шудааст. Ӯ гуфт, ки қадимтарин маъхази он ба асри XIV тааллуқ дошта, асари Разиуддин Абулфайз ал-Ҳусайн бин Муҳаммад бин ал-Ҳусайн ас-Соғонӣ мебошад. Ин китоб ба забони арабӣ навишта шудааст. Инчунин асари «Тафсири луғати машҳур»-и олими араб Ҷавҳарӣ маҳфуз буда, санаи таълифи он 14-уми рамазони соли ҳиҷрии 706 қайд шудааст, ки ба моҳи марти соли 1307 милодӣ рост меояд. Чунин осори гаронбаҳову омӯхтанӣ хеле зиёданд.

Дар шуъбаи дастхатҳои китобхонаи мазкур бисёр манбаъҳои таърихӣ нигоҳ дошта мешаванд. Барои омӯзиши ин дастхатҳо олимон ва тарҷумонҳо шуғл меварзанд, ки устодони донишгоҳ Муҳаммадхон Бузруков ва Фозил Шукуров аз он ҷумлаанд. Аз шакли электронии онҳо олимони хориҷӣ низ истифода мебаранд.

Хуллас, шуъбаи дастхатҳои китобхонаи ба номи Ҷомии Донишгоҳи давлатии Самарқанд як маркази хазинаи бебаҳост.

**Тӯйчӣ ҚУРБОНОВ, донишҷӯйи соли сеюми факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд.**

***Солҳои охир дар мамлакатамон ба маҳалла эътибори махсус дода мешавад. Тавассути маҳалла ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мушкилоти аҳолӣ бартараф карда мешаванд.***

# ВАЗИФАҲО МУАЙЯН ШУДАНД

Тӯли панҷ соли охир дар ин сохтор мавқеи раиси маҳалла, ходимони фаъоли бонувон, сарвари ҷавонон, ёрдамчии ҳоким ва нозири профилактика баланд бардошта шуд ва ҳар яки онҳо вазифаҳои худро дар ҷамоати шаҳрвандони маҳалла иҷро мекунанд. Соли гузашта дар асоси супоришоти Президент ва ҳукумат ба «панҷгонаи маҳалла» ходимони соҳаи иҷтимоӣ ва нозири андоз ҷорӣ карда шуданд, ки имрӯз дар тамоми маҳаллаи кишвар онро «Ҳафтгонаи маҳалла» ном мебаранд. 21 декабри соли 2023 Фармони Президент «Дар бораи чораву тадбирҳои аз нав баланд бардоштани нақши институти маҳалла дар ҷамъият ва таъмини кори он ба сифати зинаи якумин дар ҳаллу фасл намудани муаммои аҳолӣ» қабул гардид, ки дар ин фармон вазифаҳои муҳими ҳафтгонаи маҳалла, яъне раис, фаъоли бонувон, сарвари ҷавонон, ёрдамчии ҳоким, нозири профилактика, ходими иҷтимоӣ ва нозири андоз муайян карда шуданд. Мувофиқи Қарори Президент «Дар бораи чораву тадбирҳои иловагӣ доир ба такмил додани сохтори идоракунӣ дар маҳаллаҳо ва ба роҳ мондани фаъолияти Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон» қабул шуд, ки тибқи он дар микёси ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳо роҳбарон ва шуъбаву садоратҳои Иттиҳоди маҳаллаҳо таъсис ёфтанд.

Имрӯз бо мақсади баланд бардоштан ва иҷрои вазифаҳои Ҳафтгонаи маҳаллаҳо корҳои омӯзиши, фаҳмондадиҳӣ, аз сидқи дил иҷро кардани вазифаи ходимон дар ҷамоати шаҳрвандони маҳалла бурда мешаванд. Ҳафтаи гузашта дар ҳамин бобат дар техникуми агросаноати ноҳияи Бӯка бо супориши раиси Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон, роҳбари гурӯҳи кории ҷумҳурӣ Қаҳрамон Қуронбоев семинари омӯзиши ходимони 44-ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаҳои ноҳия ташкил гардид, ки дар кори мутахассисони ҷумҳурӣ ва вилояти Тошканд ширкат варзида, доири вазифа ва маҷбуриятти ҳафтгонаи маҳаллаҳо маърӯза карданд. Пас аз кор семинари омӯзишӣ бо мақсади то кадом андоз азбар кардани маърӯзаҳо аз ходимони маҳалла тест гирифта шуд.

– Азбаски солҳои зиёд дар сохтори ҳокимият кор мекунам, аҳамияти ислоҳотеро, ки дар сохтори маҳалла амалӣ мешаванд, хуб дарк мекунам. Мувофиқи қарор ва фармони Президент вазифа ва маҷбуриятҳои ходимони маҳалла худ нишон дода шудаанд, – гуфт дар ҷамоати семинари омӯзишӣ ҳокими ноҳияи Бӯка Б.Бегматов. – Воқеан сохтори «Ҳафтгонаи маҳалла» имрӯз ба ҷамоаи пурқувват табдил ёфтааст. Вазифаи мо дастгирии онҳо ва ҳал кардани мушкилоти аҳолӣ дар ҳамкорӣ аст. Ба наздикӣ мо ба роҳбарии шуъбаи ноҳияи бӯкагии Иттиҳодияи маҳаллаҳои Ӯзбекистон номзади Зоҳидҷон Обидовро тасдиқ кардем ва дар ин бобат ҳамкориҳоро пеш мебарем.

Бинобар гуфти раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Навобод»-и ноҳияи Бӯка Саидвалӣ Аҳмадов, семинари мазкур барои ходимони маҳалла саривақтӣ буд ва аз он мо оида вазифа ва маҷбуриятҳои «Ҳафтгонаи маҳалла» дониши худро афзудем.

**Меҳровар ҚОДИРЗОДА.**
*Вилояти ТОШКАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-228.
Адади нашр 4240. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Т. Тӯхтаев.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 22.00

**Нишонии мо:**
**100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.**
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.